**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мухтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърузаҳо ва мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳо, маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ чоп шудаанд, дар семинарҳо, мизҳои мудаввар ва симпозиумҳои дар шаҳрҳои Душанбе, Тошканд, Алмаато, Остона, Самарқанд, Хуҷанд, Алчевск, Қаршӣ ва Перм баргузоргардида пешниҳод шудаанд. Маърӯзаҳои илмии муаллифи диссертатсия дар солҳои 2010-2024 дар семинару конференсияҳои гуногуни олимону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои асосии кори анҷомдодашуда дар кори таҳлилии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои асосии муаллиф дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар асосноксозии нақшаҳои таълимӣ ва васоити таълимӣ аз

фанҳои ба назария ва амалияи сайёҳӣ бахшидашуда истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 70 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 56 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда ба табъ расидаанд. Илова бар ин, як мақолаи муаллиф дар пойгоҳи байналмилалии реферативӣ - «Scopus» ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 311 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми матни асосии диссертатсия аз 367 саҳифаи чопӣ иборат буда, 42 ҷадвал, 15 расм, 2 диаграмма, 5 карта ва 5 замимаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, дигар маълумот дар бораи муҳтавои диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якум **- «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ»** асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ таҳқиқ карда шудаанд. Ба равишҳо ва консепсияҳои асосии назариявӣ, ки пояи бунёди чунин комплексҳоро ташкил медиҳанд, диққати махсус дода мешавад. Инчунин, ҷанбаҳои методологии таҳқиқот, аз ҷумла принсипҳо ва усулҳои асосӣ, ки барои омӯзиши равандҳои ташаккул ва рушди онҳо ба кор бурда мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Илова бар ин, таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт бо таваҷҷуҳ ба мутобиқгардонӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия дар доираи таҳлили назариявӣ мафҳумҳо ва вожаҳои асосии марбут ба соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия, инчунин нақш ва аҳаммияти онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва умуман кишвар муфассал таҳлил карда шудааст. Муҳтавои асосии мафҳумҳои «комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ» ва «кластери сайёҳӣ-рекреатсионӣ» шарҳ дода мешавад, зеро ин ду мафҳум марҳилаи нави рушдро ифода мекунанд. Ҳам комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва ҳам кластери сайёҳӣ-рекреатсионӣ хосияти байнисоҳавӣ доранд, гарчанде ки онҳо ба ҳудуди пешакӣ муайяншуда низ такя мекунанд. Мувофиқан ҳар кадоми онҳо дар заминаи азхудкунии мунтазами захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ рушд мекунанд. Дар бобати кор ҷиҳати азхудкунии онҳо бошад, ин вазифаи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад. Диссертатсия ба омӯзиши мафҳуми комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ (КСР) таваҷҷуҳ мекунад.

Ба ақидаи муаллиф, комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ ин ташаккули мақсадноки корхонаҳои соҳаҳои гуногун (бевосита ё бавосита ба сайёҳӣ алоқаманд) дар ҳудуди муайяни зич, ки метавонанд барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти сайёҳони истеъмолкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ фаъолият кунанд, мебошад. Дар шакли комили худ, КСР метавонад кластереро ифода кунад, ки рисолати он истеҳсоли хизматрасониҳо ва молҳои ниҳоӣ мебошад. КСР, бар хилофи кластер, даврабандии дигар дорад ва аз марҳилаҳои ташаккул ва рушд иборат аст. Баръакси кластер, КСР на ҳамеша ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва хизматрасониҳо нигаронида шудааст ва аксар вақт низоми ягонаи идоракунӣ надорад.

Дар диссертатсия инчунин таҷрибаи хориҷии ташаккули КСР ва татбиқи он дар Тоҷикистон низ таҳлил шудааст. Дар кишварҳои хориҷӣ идоракунии самтҳои сайёҳӣ ҳамкориро байни мақомоти давлатӣ, бахшҳои сайёҳӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ барои ҳамоҳангсозии рушд ва маркетинг дарбар мегирад. Мисолҳо ҳамоҳангсозии сайёҳӣ дар Швейтсария ва идоракунии Resorts World

Sentosa дар Сингапур мебошанд. Ин кишварҳо сайёҳии устуворро фаъолона рушд дода, таъсири муҳити зистро кам мекунанд ва мероси фарҳангӣ ва ҷамоатҳои маҳаллиро дастгирӣ мекунанд.




**Расми 1. - Тарҳи содакардашуда бо зикри унсурҳои калидии ташаккули КСР**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Кишварҳои хориҷӣ таҷрибаи пурарзиш ва мисолҳои стратегияҳои муваффақи ташаккул ва рушди КСР-ро пешниҳод мекунанд. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ метавонад ба рушди КСР дар дигар самтҳо такон бахшад ва дар бораи он иттилоот ода, бо ҳамин дар рушди ҷаҳонии соҳаи сайёҳӣ саҳм гузорад. Таҳияи модели ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ тасвири ҷузъҳо ва равандҳои гуногуни ба ҳам алоқамандро, ки ба бунёд ва афзоиши чунин комплексҳо мусоидат мекунанд, дар бар мегирад (расми 1).

Ин тарҳ ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреациониро инъикос карда, алоқамандии байниҳамдигарии унсурҳои гуногунеро, ки дар ташкили самтҳои бомуваффақияти сайёҳӣ иштирок мекунанд, таъкид менамояд.

Омӯзиши фаъолияти комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ нишон медиҳад, ки хизматрасонии сайёҳӣ ба меҳмонон аз ҷониби онҳо даромади калон меорад. Даромади кишварҳои пешрафта аз шумораи зиёди сайёҳон аз кишварҳои хориҷӣ ҳамасола зиёд вобастагӣ дошт. Дар ин бора ҷадвали 1 шаҳодат медиҳад.

Маълумоти ҷадвали 1 шумораи бисёрмиллионнафараи сайёҳони ба кишварҳои алоҳида, ки соҳибони комплексҳои пурқудрати сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошанд, воридшавандаро нишон медиҳад. Динамикаи мазкур тамоюлҳои гуногуни шумораи сайёҳони воридшударо нишон медиҳад. Чи тавре ки маълум аст, Франсия ва Испания дар бобати қабули сайёҳон аз мамлакатҳои хориҷӣ дар ҷаҳон ҷойҳои пешро ишғол мекунанд. Аммо дар шаш соли ахир дар ин кишварҳо сайёҳии хориҷӣ коҳиш ёфтааст. Танҳо дар солҳои 2022-2023 тамоюли муқобил ба вуҷуд омадааст. Дар мавриди ИМА, Туркия ва Италия бошад, онҳо мисолҳои ҷолиби суръати афзоиши хеле баланди шумораи сайёҳони хориҷӣ (аз 9,8 то 30,4 фоиз)-ро нишон медиҳанд. Дар мавриди даромад аз сайёҳии байналмилалӣ бошад, он низ тамоюлҳои муқобилро аз сар

гузаронидааст. Ба ин тамоюлҳо COVID-19 таъсири назаррас расонидааст. Ширкатҳои сайёҳии Амрико ба хотири барқарор кардани ҷараёни сайёҳони хориҷӣ нархи бастаҳои сайёҳиро поин бурданд.

**Ҷадвали 1. - Динамикаи шумораи сайёҳон аз кишварҳои хориҷӣ дар солҳои 2018-2023**

| Кишварҳо | Вуруди сайёҳон (млн. сайёҳ) | | | | | | Кам шудани вуруди сайёҳон дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 (бо %) | Зиёд шудани вуруди сайёҳон дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | | | | | | | |
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | | |
| 1.Франсия | 89,6 | 90,9 | 41,7 | 48,4 | 79,4 | 81,3 | 54,2 | 102,3 |
| 2.Испания | 79,4 | 83,5 | 18,9 | 31,2 | 71,7 | 74,6 | 77,4 | 104,0 |
| 3.ИМА | 62,9 | 65,7 | 18,3 | 22,1 | 50,9 | 66,4 | 72,2 | 130,4 |
| 4.Туркия | 46,7 | 48,3 | 15,9 | 29,9 | 50,5 | 58,6 | 67,1 | 116,0 |
| 5.Италия | 41,4 | 43,6 | 25,7 | 26,9 | 49,8 | 54,7 | 41,1 | 109,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муалиф дар асоси [3]

Дар Испания низ ҳамин гуна тамоюл мушоҳида шудааст (ҷадвали 2). Маълумоти дар ҷадвали 2 овард шуда далели васеъ шудани фарқи даромад аз сайёҳӣ дар байни кишварҳои ҷудогонаи рушдкардаи капиталистӣ мебошанд. Дар ҳоле ки даромади Франсия аз соли 2018 то 2023 яксон боқӣ монд, даромади ИМА то соли 2022 ва баъдан як сол бо афзоиши хеле босуръат то соли 2023 коҳиши шадид дошт. Аммо муваффақтарин дар ин замина Туркия буд, ки он ҷо даромади сайёҳии байналмилалӣ дар ҳамин давра беш аз 70 фоиз

афзоиш ёфтааст. Дар маҷмуъ, маълумоти дар боло зикршуда имконияти ба вуҷуд омадани суръати афзоиши даромад аз тсайёҳии байналмилалиро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 2. - Даромадҳо аз сайёҳии байналмилалӣ дар солҳои 2018-2023 (млрд. долл. ИМА)**

| Кишварҳо | Солҳо | | | | | | Кам шудани даромад дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 (бо %) | Зиёд шудани даромад дар соли 2023 нисбат ба соли 2020 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | | |
| 1.Фаронса | 59,6 | 63,5 | 32,6 | 40,8 | 56,8 | 59,7 | 48,7 | 105,3 |
| 2.Испания | 74,3 | 79,7 | 18,5 | 34,5 | 54,5 | 72,9 | 76,8 | 133,7 |
| 3.ИМА | 176, | 199, | 72,5 | 70,2 | 96,2 | 135, | 63,6 | 140,5 |
| 4.Туркия | 26,4 | 29,8 | 10,2 | 20,8 | 26,3 | 45,2 | 65,8 | 171,8 |
| 5.Италия | 47,4 | 49,8 | 9,8 | 19,6 | 25,2 | 44,3 | 78,4 | 175,7 |

**Сарчашма:** таҳияи муалиф дар асоси [3]

Натиҷаҳои таҳқиқот дар робита бо боби аввал нишон медиҳанд, ки бунёд ва идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои сайёҳӣ як равиши стратегӣ ба идоракунии самтҳои сайёҳӣ мебошад, ки ба ҳамкорӣ, устуворӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор таъкид мекунад. Таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва рушди КСР маълумот ва намунаҳои пурарзишеро пешкаш мекунад, ки метавонанд барои чунин ташаббусҳо дар саросари ҷаҳон ва махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гарданд.

Дар боби дуюм - **«Омилҳо ва заминаҳои ташаккули комплексхои сайёҳӣ-рекреатсионӣ»** заминаҳои асосии ташаккул ва рушди комплексҳои дар боло зикршуда, омилҳои ташаккули онхо ва шароитҳои нави ташкилии ташаккул ва рушди онхо муфассал баррасӣ карда шудаанд. Дар ин боб кӯшиши арзёбии заминаҳо, омилҳо ва шартҳои нави ташкилии пайдоиш ва рушди намудҳои гуногуни комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар кишварҳои дорои пойгоҳи васеи захираҳои соҳаи сайёҳӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки сайёҳӣ дар шароити муосир ба рушди иқтисодӣ, пешгирии буҳронҳо ва истифодаи самараноки шаҳру деҳот мусоидат мекунад. Экосистемаҳои кӯҳӣ муносибати бодиққат ба идоракунии захираҳо ва ҳифзи табиатро талаб мекунанд ва сайёҳӣ метавонад алтернативаи рушди устувори ин ҳудудҳо гардад.

Барои арзёбии самаранокии фаъолияти КСР дар Тоҷикистон се гурӯҳи нишондиҳандаҳо истифода мешаванд: шумораи сайёҳон ва вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо, даромади сайёҳӣ ба як нафар ва сафар, инчунин ҳолати меҳмонхонаҳо, банд будани онҳо ва шумораи ҳуҷраҳои мавриди ниёз.

Даромад аз сайёҳӣ метавонад тавассути кумакҳои молиявии давлатӣ зиёд карда шавад, аммо андозаи онҳо аз саҳми соҳа ба қисми даромади буҷет вобаста аст. Саҳми воқеии сайёҳӣ дар ташаккули буҷети давлатӣ ночиз боқӣ мемонад, ки инро маълумоти ҷадвали 3 тасдиқ мекунанд.

Маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳанд, ки ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷет ночиз мемонад, гарчанде ки дар давраи таҳлилшуда даромад аз сайёҳӣ 5 маротиба афзуда, ҳиссаи он аз 0,04 фоиз то 0,18 фоиз зиёд шудааст. Бо вуҷуди ин, ин маълумот танҳо тарҳҳо (ҳиссаҷудокуниҳо)-и ширкатҳои сайёҳиро инъикос мекунад ва даромади меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар қисматҳои соҳаи меҳмондорӣ, ки аксар вақт сайёҳони ғайрирасмӣ истифода мебаранд, ба назар гирифта намешаванд.

**Ҷадвали 3. - Воридшавӣ аз сайёҳӣ ба қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2017 бо % |
| 1. Буҷети ҷумҳурӣ (млрд. сомонӣ) | 23125,3 | 24097,2 | 23469,4 | 25064,9 | 30053,8 | 36056,8 | 43150,9 | 186,5 |
| 2. Воридшавӣ ба буҷет аз сайёҳӣ (млн. сомонӣ) | 14,8 | 15,6 | 12,5 | 16,2 | 71,2 | 28,5 | 79,1 | 534,4 |
| 3. Ҳиссаи сайёҳӣ дар қисми даромади буҷет (бо %) | 0,04 | 0,06 | 0,05 | 0,06 | 0,24 | 0,08 | 0,18 | 4,5 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси [1]

Саҳми воқеии сайёҳӣ ба буҷет хеле зиёд аст, зеро аксари сайёҳони ба Тоҷикистон омада тавассути ширкатҳои сайёҳӣ сафар намекунанд. Бо дарназардошти ин маълумот ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷет назар ба маълумоти дар ҷадвал нишондодашуда хеле зиёд аст. Инчунин, дар диссертатсия нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, аз қабили таносуби хароҷот ва фоида баррасӣ карда мешаванд. Ба ин арзиши як сафари сайёҳӣ, хароҷоти таблиғи сафари сайёҳӣ, хароҷоти бронкунӣ ва таъсири чорабиниҳо, аз қабили конференсия ва намоишгоҳҳо ба рушди сайёҳӣ дохил мешаванд.

Дар Тоҷикистон рушди сайёҳӣ дорои хусусияти ҳудудӣ буда, вобаста ба минтақа сатҳи ҷолиби сайёҳон гуногун аст. Масалан, минтақаҳои Варзоб, Балҷувон ва Ромит минтақаҳои истироҳатию сайёҳӣ эълон карда шуданд. Моделҳои мушаххас барои намудҳои алоҳидаи сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии деҳот таҳия карда мешаванд.

Барои таҳлили рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон нишондиҳандаҳое ба мисли шумораи сайёҳони воридотӣ, теъдоди сайёҳони ба хориҷа сафаркунанда, ҳаҷми хизматрасониҳои сайёҳӣ ва даромадҳои андозӣ аз ширкатҳои сайёҳӣ истифода мешаванд.

Ба андешаи муаллиф, ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон чанд омили асосиро дар бар мегирад:

- ҷаззобиятҳои табиию фарҳангӣ - гуногунии манзараҳои табиӣ ва осори фарҳангӣ сайёҳонро ҷалб карда, заминаро барои рушди комплексҳо фароҳам меорад;

- дастрасӣ ва инфрасохтор - мавҷудияти шабакаи пешрафтаи нақлиёт дастрасиро ба мавзеъҳои сайёҳӣ осон мегардонад;

- хизматрасониҳои сайёҳӣ ва шароити мусоид - доираи васеи хизматрасониҳо, ба монанди тарабхонаҳо ва роҳбаладҳо, бароҳатии меҳмононро беҳтар мекунанд;

- маркетинг ва таблиғ - стратегияҳои муассири таблиғотӣ ва иштирок дар чорабиниҳо ба ҷалби сайёҳон мусоидат мекунанд;

- заминаи ҳуқуқӣ ва идоракунӣ - қонунҳои возеҳ ва идоракунии самаранок барои рушди сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меоранд;

- ҷалби ҷамоатҳои маҳаллӣ - иштироки фаъолонаи сокинони маҳаллӣ дар рушди сайёҳӣ ба устуворӣ ва дастгирии ташаббусҳо мусоидат мекунад;

- рушди устувор - истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сарфаи захираҳо қобилияти дарозмуддатии фаъолияти комплексҳоро кафолат медиҳад;

- шарикӣ ва ҳамкорӣ - ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ ба рушди сайёҳӣ мусоидат мекунад;

- талабот ва тамоюлҳои бозор - донистани афзалиятҳои сайёҳон барои бунёди пешниҳодҳои маъмул ва беназир мусоидат мекунад;

- идоракунии хавфҳо - пешгирӣ ва коҳиш додани хавфҳо, ба монанди офатҳои табиӣ ё ҷаҳишҳои иқтисодӣ суботи соҳаи сайёҳиро таъмин мекунад.

Ин омилҳо бо дарназардошти робитаи мутақобила, барои бунёди самтҳои сайёҳии устувор ва рақобатпазир дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Дар байни омилҳои ташкилӣ банақшагирии стратегӣ ва менеҷмент, ки нақши омили мустақилро дар ташаккул ва рушди КСР бо рушди минбаъдаи онҳо ба кластер мебозанд, ҷои намоёнро ишғол мекунад. Ин комилан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад. Дар поён тарҳе оварда шудааст, ки ташкили банақшагирии стратегӣ ва идоракунии рушди КСР-ро тавсиф мекунад (расми 2).

Аз рӯи расми 2 дар бораи хосияти муносибатҳои байни иштирокчиёни гуногуни КСР ба хулосае омадан мумкин аст. Ташаккул ва рушди онҳо бе иштироки як қатор ниҳодҳое, ки ҳамчун ташкилотчии иттиҳодиявии КСР амал мекунанд, имконнопазир аст. Ин иттиҳодия самтҳои асосии сиёсати таъмини фаъолияти КСР-ро муайян мекунад. Ба ақидаи муаллиф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ ё ташкили комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ як самти ояндадор буда, мутаассифона, дар ин самт коркардҳои илмӣ барои тавсеаи назаррас ва такмил ниёз доранд.




**Расми 2. - Ташкили банақшагирӣ ва идоракунии стратегии КСР**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ бояд қайд намуд, ки кластеркунонӣ дар бахши сайёҳӣ нерӯи пешбарандаи рушди ҳамаи самтҳои иқтисоди миллӣ буда, ҷузъи ҷудонопазири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки маҳз дар раванди ҷаҳонишавӣ бозори ягонаи ҷаҳонии сайёҳӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили кластерҳои сайёҳӣ метавонад мутаносибан ба рушди иқтисоди маҳаллӣ, иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ ва рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ таъсир расонад. Равиши кластерӣ як равиши инноватсионист, ки рушди сайёҳӣ дар кишвар дар оянда ва воридшавии устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ таъмин менамояд.

Муаллиф модели равиши методологии кластеркунонии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Тоҷикистонро таҳия кардааст (расми 3).

Аз расми 3 бармеояд, ки кластерҳо дар самти ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ рушд мекунанд. Дар баробари ин, дар сурати пурра риоя намудани консепсияи стратегии иқтисодиёти минтақавӣ онҳо асоси комплекси номбурдаро ташкил карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, дар асоси консепсияи таъмини рушди дарозмуддати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати кластерӣ ҷорӣ карда мешавад. Методологияи номбурда ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ташхиси ҳамаҷонибаи он ҳудудҳоеро дар назар дорад, ки дар онҳо дар заминаи кластерҳои мавҷуда ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба нақша гирифта шудааст, ки корхона ва ташкилоти онҳо одатан танҳо дар як қисми ҳудуди он ҷойгир карда мешаванд, ки дар он ҷо ҷойгиркунии тамоми комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ пешбинӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми татбиқи кластеркунонӣ тавассути алгоритми ташкили марҳила ба марҳилаи кластерҳои сайёҳӣ бо дарназардошти методологияи рушди кластерҳо бозори сайёҳии Тоҷикистон такмил дода шуда, комплексҳои сайёҳӣ, ки ба истифодаи инноватсияҳо нигаронида шудаанд, ташаккул меёбанд, ки метавонанд дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеи устуворро ишғол намоянд.




**Расми 3. - Методологияи рушди кластерии сайёҳӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои адабиёт

Тадриҷан ба кластерҳо табдил додани комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ таҳияи сохторҳои ташкилии ин комплексҳоро тақозо мекунад. Чунин сохтор аз рӯи тинати худ хеле мураккаб ба назар мерасад ва бояд ба хусусиятҳои воқеии КСР-и ташаккулёбанда асос ёбад. Сарфи назар аз сатҳҳои мураккабӣ ва пайвастагӣ, сохтори номбаршуда бешубҳа хусусияти омехта дорад.

Дар боби сеюм - «**Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба вазъи муосири комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюлҳои пешбари рушди иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар кишвар, дастгирии давлатии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои илмӣ дода шудааст. Ин боб маълумоти муҳимеро дар бар мегирад, ки барои донишҷӯён, устодони донишгоҳҳо ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ манфиат дорад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ногузир ва объективӣ ба назар мерасад. Дар баробари ин, дараҷаи онҳо аз дараҷаи омӯхта шудан ва мавҷуд будани маблағҳо ва захираҳо барои истифодаи онҳо вобаста аст.

Дар диссертатсия собит карда мешавад, ки КСР ҳамчун як соҳа бо монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ аст, ки дар байни онҳо метавон низоми сусти идоракунии амудиро дар тамоми соҳаи сайёҳӣ, инчунин дар байни воҳидҳои сохтории ин соҳа ва воҳидҳои ба он алоқаманди дигар соҳаҳо қайд кард. Ба ин гуна мушкилот фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии воситаҳои асосӣ, аз талаботи ҳозира ақиб мондани инфрасохтори сайёҳӣ, кори нокифоя оид ба маркетинг ва махсусан таблиғ ҳам дар худи ҷумҳурӣ ва ҳам дар хориҷи он дохил мешаванд.

Таҳлили вазъи муосири бозори сайёҳӣ нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ сол то сол вобаста ба истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, ташаккули КСР дар тамоми минтақаҳои кишвар, омода намудани хатсайрҳои нави сайёҳӣ ва таъмини рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар кишвар, шумораи сайёҳони ба кишвари мо ташрифоварда сол то сол меафзояд, ки дар ин бора маълумоти ҷадвали 4 шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 4. - Афзоиши ташрифи сайёҳони хориҷӣ ва даромадҳои ширкатҳои сайёҳӣ аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2017 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба кишвар ворид шудаанд, тибқи маълумоти Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳазор нафар | 490 | 1154 | 1319 | 410,1 | 517,6 | 1151 | 1358 | 2,7 |
| Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба сифати сайёҳ вориди кишвар шудаанд, тибқи маълумоти Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳазор нафар | 431 | 1035 | 1257 | 350,6 | 296,3 | 999,3 | 1201 | 2,7 |
| Миқдори ширкатҳои сайёҳӣ (амалкунанда) | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 | 225 | 2,5 |
| Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба воситаи ширкатҳои сайёҳӣ ба кишвар ворид шудаанд, нафар | 1413 | 6699 | 7791 | 416 | 953 | 5771 | 12077 | 8,5 |
| Даромадҳо аз пешниҳоди хизмматрасониҳои сайёҳӣ (бе ААИ), ҳаз. сомонӣ | 9076,3 | 214836,5 | 244928,1 | 158787,5 | 210932,3 | 295216,8 | 392126,2 | 43,2 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси [2]

Тавре аз маълумоти омории ҷадвали 4 бармеояд, дар соли 2023 аз Тоҷикистон 1 миллиону 201 ҳазор сайёҳи хориҷӣ дидан кардааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвар яке аз самтҳои асосии намудҳои гуногуни сайёҳӣ барои сайёҳони хориҷӣ буда, таваҷҷуҳи онҳо сол то сол меафзояд. Ҳамчунин, дар соли 2024 ин рақам то ба 1,4 миллион нафар афзоиш ёфт, ки тамоюли мусбати рушди сайёҳиро нишон медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди комплексҳои сершумори сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар саросари кишвар шароитҳои нодири табиию фарҳангӣ дорад, ки ҳамаи намудҳои сайёҳиро дар бар гирифта метавонанд. Самтҳои стратегии рушди сайёҳӣ, ки ба принсипи ноҳиябандии рекреатсионӣ асос ёфтаанд, аз дараҷаи пуршавии пешниҳодоти санаторияҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар муассисаҳо вобаста аст. Онҳо тақсимоти нобаробари иқтидори сайёҳиро дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар дар сатҳҳои гуногуни рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба назар мегиранд (ҷадвали 5).

Тавре ки маълумоти ҷадвали 5 нишон медиҳанд, дар Тоҷикистон якчанд комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ фаъолият мекунанд, ки дар марҳилаи гузариш ба кластерҳо қарор доранд.

Ба андешаи муаллиф, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наздик ба далели убури Роҳи абрешим аз қаламрави кишвар, иқтидори бузурги сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва таваҷҷуҳи вижаи давлат ба ин бахш метавонад ба яке аз муҳимтарин самтҳои сайёҳӣ табдил ёбад.

**Ҷадвали 5. - Равандҳои ташаккули КСР дар минтақаҳои Тоҷикистон**

| Номгӯйи КСР | | Макони ҷойгиршавӣ | Майдон км$^2$ | Аҳолӣ, ҳаз. нафар | Шумораи мавзеъҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ташаккулёбанда | | | |
| 1. | Ховалинг | Хатлон | | | 12 |
| 2. | Муминобод | Хатлон | 920 | 94,7 | 7 |
| 3. | Балҷувон | Хатлон | 1327 | 30,4 | 11 |
| 4. | Дарвоз | ВМКБ | 2824 | 24,0 | |
| | | Комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ташаккулёфта | | | |
| 1. | Истаравшан-Шаҳристон | Вилояти Суғд | 687 (1143) | 2735 (43,7) | 17 |
| 2. | Панҷакент | Вилояти Суғд | 3671 | 303,0 | 26 |
| 3. | Мурғоб | ВМКБ | 38442 | 15,9 | 68 |
| 4. | Ромит (Ваҳдат) | ГНТҶ | 3674 | 342,7 | 13 |
| | | Туристско-рекреационные кластера | | | |
| 1. | Душанбе | ГНТҶ | 0,2203 | | 74 |
| 2. | Норак | Хатлон | 398 | 61,5 | 18 |
| 3. | Гулистон | Вилояти Суғд | 14,9 | 125,9 | 32 |
| 4. | Исфара | Вилояти Суғд | 836 | 274,0 | 19 |
| 5. | Варзоб | ГНТҶ | 1631 | 82,2 | 31 |
| 6. | Ишкошим | ВМКБ | 3656 | 32,9 | 37 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили мавзеъҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ

«Роҳи Абрешим» аз замонҳои қадим роҳи асосии тиҷоратие, ки Шарқу Ғарбро мепайвандад, маҳсуб мешуд ва дар ҳоли ҳозир се шохаи ин роҳи бузурги тиҷоратӣ аз қаламрави Тоҷикистон мегузарад (расми 4).




**Расми 4. - Харитаи «Роҳи абрешим»**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тавре аз харита дида мешавад, ҳар се шохаи асосии Роҳи Абрешим, ки аз қаламрави Тоҷикистон мегузаранд, метавонанд дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ аз Чин, Ҷумҳурии Корея, Ҷопон, Тайван ва дигар кишварҳое, ки дар ҳавзаи Роҳи Абрешим ҷойгиранд, нақши калидӣ бозанд. Албатта, афзоиши теъдоди сайёҳони хориҷӣ дар кишвар боиси воруди сармояи хориҷӣ ва афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мегардад, ки дар навбати худ мизони фақрро коҳиш дода, қобилияти харидории мардумро баланд мебардорад ва сайёҳӣ дар кишвар маъмул мешавад.

Тавре амалия нишон медиҳад, ташаккул ва рушди сайёҳии байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба рушди сайёҳии миллӣ дар асоси ташкили комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар вобаста аст. Ҳангоми таҳлили

маълумоти оморӣ муаллиф маълум кардааст, ки агар дар соли 2018 даромад аз сайёҳии байналмилалӣ 680 миллиард доллари амрикоиро ташкил дода бошад, дар солҳои минбаъда, масалан, дар соли 2022 ҳудуди 928 миллиард доллар ва дар соли 2023 ҳудуди 1 триллион долларро ташкил додааст. То соли 2030 ин рақам ба 2 триллиону 110 миллиард доллар мерасад. Яъне, тибқи дурнамои рушд, ҳаҷми даромад аз сайёҳӣ дар ҷаҳон назар ба дигар бахшҳои иқтисоди ҷаҳонӣ бештар хоҳад буд.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки раванди рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳар як минтақа дар баробари мавҷудияти захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ ба идоракунии дуруст низ вобаста буда, татбиқи сиёсат дар ин самт ҳамоҳангсозии тамоми минтақаҳоеро тақозо мекунад, ки дар онҳо комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ рушд ёфтаанд.

Ба ақидаи муаллиф, яке аз самтҳои асосии ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ КСР-и Ишкошим аст, ки ба кластер табдил ёфтааст. Ин кластер аз ҷузъҳои инфрасохторӣ, инчунин мавзеъҳои табиии сайёҳӣ бой аст. Ин нишондиҳандаҳо дар табдил додани Ишкошим ба кластери ташаккулёфта, беҳтар намудани нишондиҳандаи сатҳи ташрифи сайёҳон ва баланд бардоштани даромаднокии бахши сайёҳӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ нақши калидӣ доранд, ки дар диаграммаи зерин нишон дода шудааст (расми 5).

Ноҳияи Ишкошим аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар канораҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст. Аммо ба далели арзиши баланди муолиҷавии иқтидори фароғатӣ мардум ба ин қаламрав на танҳо аз саросари Тоҷикистон, балки аз дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Эрону Россия низ ташриф меоранд. Қобили зикр аст, ки бо гузашти вақт ин кластер аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо карда истодааст, зеро дар ҳудуди он на танҳо табобатгоҳҳое, ки ба барқарорсозии саломатии инсон таъсири зиёд доранд, балки зиёратгоҳҳои шиъаву буддоӣ низ ҳастанд, ки зиёраткунандагони буддоиро аз тамоми қитъаи Осиё ва пайравони мазҳаби исмоилияро аз тамоми ҷаҳон ҷалб

мекунанд. Табиист, ки камбудиҳо низ ҳастанд, ки зуд бояд бартараф карда шаванд.




**Расми 5. - Иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии КСР-ии Ишкошим (кластер, ба ҳолати соли 2024)**

**Сарчашма**: аз ҳисоботи шуъбаи сайёҳии ҳукумати ноҳияи Ишкошим. Декабри соли 2024

Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ ду ширкати сайёҳӣ ва се санатория-пансионат мавҷуд аст. Миқдори онҳоро комилан мувофиқи миқдори чашмаҳои шифобахш ва оби гарм зиёд кардан лозим аст. Барқарор кардани фурудгоҳи Ишкошим ва ифтитоҳи хатсайрҳои нав аз Чин, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик метавонад боиси тезтар шудани суръати афзоиши сафарҳои сайёҳӣ гардад. Ба назар мерасад, ки шумораи зиёди меҳмонхонаҳоро бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ аз нав сохтан комилан имконпазир аст. Тавре ки дар боло нишон дода шудааст, вобаста ба ҷойгиршавӣ ва раванди рушди унсури инфрасохтор, динамикаи ташрифи сайёҳон ба КСР Ишкошим тамоюли болоравиро нишон

медиҳад. Чунон ки дар ин бора ҷадвали зерин шаҳодат медиҳад (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Динамикаи ташрифи сайёҳони байналмилалӣ ва дохилӣ ба КСР Ишкошим дар давраи солҳои 2017-2023**

| Солҳо | Сайёҳон | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| | Сайёҳони байналмилалӣ | Сайёҳони дохилӣ | |
| 2017 | 673 | 375 | 1048 |
| 2018 | 5185 | 2650 | 7835 |
| 2019 | 5267 | 3428 | 8695 |
| 2020 | 66 | 124 | 190 |
| 2021 | 265 | 1534 | 1799 |
| 2022 | 1006 | 2217 | 3223 |
| 2023 | 2066 | 2227 | 4293 |

**Сарчашма**: аз ҳисоботи шуъбаи сайёҳии Ҳукумати ноҳияи Ишкошим. Декабри соли 2024

Маълумоти ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2017-2023 шумораи сайёҳон ба КСР Ишкошим беш аз 4,0 баробар, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ 3,06 баробар ва сайёҳони дохилӣ 6,0 баробар афзудааст. Тамоюлҳои имрӯзаи КСР Ишкошим дар маҷмуъ, бо вуҷуди он ки шумораи ташрифовардагон дар давраи COVID-19 якбора коҳиш ёфтааст, руҳбаландкунанда аст. Айни замон равандҳои барқарорсозӣ ҷараён доранд ва тамоми асосҳо вуҷуд доранд, ки қайд кунем, ки то охири соли 2025 аз ин КСР назар ба ҳар вақти пеш аз COVID-19 бештар сайёҳон дидан хоҳанд кард.

Дар хусуси Тоҷикистони шарқӣ бошад, дар ин ҷо дар маблағгузории рушди сайёҳӣ ва рекреатсия маблағҳое, ки аз ҶХЧ ва инчунин аз Ҷумҳурии Корея ҷалб карда мешаванд, нақши муайянкунанда бозида метавонанд. Дар тобистон имконияти воқеӣ барои ҷалби миллионҳо сайёҳон аз Чин ба истироҳати кӯҳӣ мавҷуд аст.

Дар боби чорум - **«Иқтидори экологӣ-иқтисодии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ»** ба механизмҳои иқтисодии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои экологии ташаккул ва

такмили онҳо ва ҷанбаҳои иқтисодию ҷуғрофии рушд диққати махсус дода шудааст. Дар ин ҷо механизмҳои экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ, инчунин зарурати таҳияи ин механизмҳо бо дарназардошти маҳдудиятҳое, ки дар ташаккули дар пешистодаи «Иқтисоди сабз» ҷорӣ мешаванд, оварда шудаанд.

Рушди КСР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани муносибати ҳамаҷонибаро бо истифодаи механизмҳои гуногуни хоҷагидорӣ талаб мекунад. Механизмҳои номбаршуда асоснокии ҳамаҷонибаи илмиро талаб мекунанд. Маҷмуи унсурҳое, ки механизмҳои иқтисодии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро ташкил медиҳанд, дар ҷадвали 7 оварда шудаанд, ки муҳтавои онҳо на танҳо номи ҷузъҳои механизми дар боло зикршуда, балки номгӯи унсурҳои механизми интиқолро барои татбиқи амалии унсурҳои зикршуда низ дар бар мегирад. Механизмҳои интиқол имтиёзҳои андоз барои сармоягузорон дар соҳаи сайёҳӣ, дастгирии молиявӣ тавассути кумакҳои молиявии давлатӣ ва грантҳо, фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя бо кафолати давлат ва ҳавасмандгардонӣ тавассути қарзҳои имтиёзнок иборатанд. Дар он ҳамчунин ҷорӣ намудани суръатбахшии хизматрасониҳои мобилӣ барои сайёҳон ва низоми фармоиш (бронкунӣ)-и онлайн, рушди хатсайрҳои сайёҳӣ, бахусус дар минтақаҳои кӯҳистон бо истифода аз технологияҳои сабз ва ҷалби маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ барои таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ тавассути намоишгоҳҳо, конференсияҳо ва маъракаҳои таблиғотӣ пешбинӣ шудааст.

Маблағгузории давлатӣ воситаи муҳими рушди КСР мебошад. Ин сармоягузориҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои бузург равона карда шудаанд, ки метавонанд инфрасохтор ва ҷолибияти минтақаҳои кишварро барои сайёҳон ба таври назаррас беҳтар созанд. Ба андешаи муаллиф, дар ҷараёни татбиқи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ метавонад самараи зерини иқтисодӣ интизор шавад:

**Ҷадвали 7. - Механизмҳои иқтисодии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ**

| Унсурҳои механизм | Тафсир | Мисолҳои истифодабарӣ |
|---|---|---|
| Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) | Ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳо. | Сохтмони меҳмонхонаҳо, инфрасохтор (роҳҳо, фурудгоҳҳо) тавассути ШДБХ. |
| Имтиёзҳои андозӣ | Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба сайёҳӣ. | Озод кардан аз андоз аз фоида барои мавзеъҳо ва ширкатҳои нави сайёҳӣ барои - сол. |
| Кумакҳои молиявӣ ва грантҳо | Дастгирии молиявии лоиҳаҳо дар соҳаи сайёҳӣ. | Грантҳо барои рушди сайёҳии экологӣ ё барқарорсозии иншооти таърихӣ. |
| Ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ | Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо. | Кафолатҳои давлат, қарзҳои имтиёзнок ба сармоягузорон. |
| Рақамикунонӣ ва инноватсия | Татбиқи технологияҳои рақамӣ барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ва ҷалби сайёҳон. | Таҳияи замимаҳои мобилӣ барои сайёҳон, ҷорӣ намудани низом фармоиши онлайн. |
| Механизмҳои экологӣ | Истифодаи технологияҳои «сабз» ва амалияҳои устувор. | Татбиқи панелҳои офтобӣ дар меҳмонхонаҳо, ташкили хатсайрҳои экологӣ. |
| Маркетинг ва пешбарии маҳсулот | Таблиғи фаъолонаи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ. | Иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ, маъракаҳои таблиғотӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ. |
| Барномаҳои таҳсилотӣ | Омода намудани кормандони соҳибхтисос барои соҳаи сайёҳӣ. | Таъсиси марказҳои таълимӣ барои роҳбаладон, менеҷерҳо ва кормандони меҳмонхонаҳо. |
| Пардохтҳо ва андозҳо аз сайёҳон | Ҷорӣ намудани пардохтҳои сайёҳӣӣ барои маблағгузории рушди инфрасохтор. | Пардохти экологӣ барои ҳифзи мавзеъҳои табиӣ. |
| Суғуртаи хавфҳо | Муҳофизати сармоягузорон ва сайёҳон аз хавфҳои эҳтимолӣ. | Суғуртаи мавзеъҳои сайёҳӣ аз офати табиӣ. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

1. Ҷалби сармоягузории хусусӣ. Сармоягузории давлатӣ аксар вақт сармоягузории хусусиро ҳавасманд мекунад, зеро инфрасохтори беҳтаршуда минтақаро барои тиҷорат ҷолибтар мекунад.

2. Афзоиши ҷараёни сайёҳон. Такмили инфрасохтор ва хизматрасонӣ боиси афзоиши шумораи сайёҳон гардида, дар навбати худ ба афзоиши даромади буҷети маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

3. Рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо. Сармоягузорӣ ба КСР ба рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳо, беҳтар шудани сифати зиндагии мардуми маҳаллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Рушди КСР дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон тавассути механизмҳои самарабахши маркетинг хеле суръат бахшад. Бо дарназардошти захираҳои нодири табиию фарҳангии кишвар, таҳия ва татбиқи стратегияҳое, ки ба ҷалби сайёҳон ва беҳбуди обрӯи минтақа нигаронида шудаанд, муҳим аст. Дар ин маврид, муаллиф бунёди бренди сайёҳӣ барои Тоҷикистонро яке аз механизмҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муассир арзёбӣ мекунад, ки дар он ба ҷаззобиятҳои табиию фарҳангӣ, аз қабили кӯҳҳои Помир, ёдгориҳои таърихӣ ва таомҳои миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки механизми иқтисодии идоракунии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо истифодаи мақсадноки усулҳои иқтисодии низоми идоракунии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ самаранок кор карда метавонад. Дар асл, сухан дар бораи истифодаи механизмҳои интиқолии идоракунии КСР-и минтақа меравад (расми 6).

Унсури муҳими механизми иқтисодии КСР махсусгардонии ҳудудии комплексҳои номбаршуда мебошад. Агар дар ноҳияҳои ҳамвор ва шаҳрҳои калон ба ҳайати КСР корхонаю ташкилотхо барои шинос кардани сайёҳон бо ҷойҳои таърихию маданӣ дохил шуда бошанд, пас дар ноҳияҳои кӯҳистон сайругашти қад-қади водиҳои дарёҳо, ташкили экскурсияҳо, тамошои манзараҳои нодир, релефҳои

мураккаб ва ғайра ҷои аввалро ишғол мекунанд. Муаллиф ҷанбаҳои экологии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро баррасӣ намуда, ба хотири ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ пешниҳод менамояд, ки якчанд ҷанбаҳо ба назар гирифта шаванд. Аввалан, нигоҳ доштани гуногунии биологӣ тавассути ба ҳадди ақал расонидани зарари муҳити зист бо ёрии арзёбии дақиқи сохтмон муҳим аст. Сониян, захираҳои обро бо дарназардошти камобӣ ва зарурати пешгирии ифлосшавӣ самаранок идора кардан лозим аст.




**Расми 6. - Механизмҳои интиқолии идоракунии КСР**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамчунин, мероси фарҳангӣ бояд тавассути дастгирии рушди устувори сайёҳӣ ва пешгирӣ аз тиҷоратикунонӣ ҳифз карда шавад. Ҷанбаи муҳим рушди инфрасохтори устувори нақлиёт, аз ҷумла намудҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи нақлиёт мебошад. Ниҳоят, муваффақияти сайёҳӣ аз ҷалби ҷамоатҳои маҳаллӣ вобаста аст, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодӣ ва ҳифзи мерос мусоидат мекунад.

Дар диссертатсия ба ҷиҳатҳои иқтисодию ҷуғрофии рушди комплекси сайёҳӣ-рекереатсионӣ диққати махсус дода шудааст. Дар баробари ин муаллиф қайд мекунад, ки захираҳои табиие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи мушаххаси ин соҳа пешбинӣ шудаанд, барои рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Минтақаҳои дорои ландшафтҳои нотакрор, ки бо иқлими мусоид, сарчашмаҳои обҳои тгарму маъданӣ, геосистемаҳои кӯҳӣ фарқ мекунанд, қисмҳои таркибии сарватҳои табииро ташкил медиҳанд.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз мавҷудияти иқтидори рекреатсионӣ, аз ҷумла заминаҳои табиӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст. Ҷанбаи муҳим рушди инфрасохтори сайёҳӣ мебошад, ки мувозинати байни азхудкунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи низоми экологиро талаб мекунад. Дар баъзе минтақаҳо (масалан, Варзоб ва Ромит) таъсири антропогенӣ аллакай устувории муҳити зистро коҳиш медиҳад.

Сайёҳии экологӣ барои ҳифзи сарватҳои табиӣ ва фарҳангӣ, беҳтар намудани ифлосшавӣ ва мусоидат ба истифодаи устувори захираҳо аҳаммияти калон пайдо мекунад. Аммо дар кишвар инчунин мушкилот мавҷуданд, ба монанди ҷойгиршавии нобаробари комплексҳои сайёҳӣ ва рушди нокифояи иншооти тозакунии оби партов. Ҷиҳати ҳалли ин масъалаҳо зарур аст, ки инфрасохтор таҷдид ва роҳҳои ҳалли инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ барои таъмини ҳифзи дарозмуддати минтақаҳои табиӣ ва рушди устувор таъмин карда шавад.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон бо мушкилоти марбут ба истифодаи нодурусти сарватҳои табиӣ дучор омадааст. Сайёҳии экологӣ ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи низомҳои экологӣ ба афзоиши шуғл ва устувории молиявӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф ба сифати тавсияҳо оид ба татбиқи самараноки сайёҳии экологӣ дар кишвар як қатор тадбирҳоро пешниҳод менамояд:

- таъсиси маркази ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди сайёҳии экологӣ;
- гузаронидани маъракаи таблиғотӣ барои ҷалби сайёҳон;
- таҳияи пайроҳаҳо ва хатсайрҳои экологӣ дар минтақаҳои фишори баланди антропогенӣ;
- омӯзонидани аҳолии маҳаллӣ тавассути тренингҳо ва семинарҳо.

Ба ақидаи муаллиф, иҷрои ин тавсияҳо бо таъсиси як мақомоти давлатии дорои салоҳиятҳои иҷроия амалӣ хоҳад шуд. Ин мақомот бояд тарзу усулҳои азхуд кардан, муҳофизат ва истифодаи оқилонаи захираҳои рекреационӣ-сайёҳиро назорат кунад.

Дар боби панҷум - **«Такмили самтҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҷанбаҳои сармоягузорӣ ва инфрасохтории рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, арзёбииояндабинонаи ташаккул ва пешбурди минбаъдаи комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо дарназардошти табдили онҳо ба кластерҳо, инчунин самтҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Дар ин боб зарурати ҳамоҳангсозии давлат, бахши хусусӣ ва корхонаҳо дар рушди комплексҳои сифатан нави сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон, имкони ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ҳамоҳангсозии инфрасохтори фаъолияти сайёҳӣ инъикос ёфтааст.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки барои рушди бомуваффақияти инфрасохтори сайёҳӣ дар Тоҷикистон воруди сармояи дохиливу хориҷӣ ба хусус ба шабакаи меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои хурд зарур аст. Бо вуҷуди талошҳои ҳукумат барои бунёди меҳмонхонаҳо дар шаҳрҳои бузург, мушкили сифати пасти хизматрасонӣ ва нарасидани меҳмонхонаҳои миёнаҳаҷм бо кормандони соҳибихтисос боқӣ мемонад. Тоҷикистон ҳамчунин бо сатҳи пасти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ рӯбарӯ аст.

Самти афзалиятноки ҳукумат рушди сайёҳии варзиши кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ мебошад, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005 № 80 «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди сайёҳии экологӣ, сайёҳии варзишии кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» инъикос ёфтааст. Барои ин маъракаи фаъоли таблиғотӣ ва таъсиси Ассотсиатсияи миллии ширкатҳои сайёҳӣ лозим аст. Сармоягузорӣ барои омодагӣ ва маъракаи иттилоотӣ тақрибан 25 миллион долларро талаб мекунад. Дар баробари ин, сайёҳии варзишии кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ самти афзалиятноки рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст.

Инчунин, ба назар гирифтани тақсимоти нобаробари иктидори сайёҳӣ дар тамоми кишвар ва истифода бурдани принсипи ноҳиябандии рекреатсионӣ барои маблағгузории самарабахши инфрасохтор зарур аст. Захираҳои табиии Тоҷикистон барои рушди бомуваффақияти сайёҳӣ бе ташкили дурусти комплексҳои сайёҳӣ ва инфрасохтор кифоя нестанд, чунон ки ин дар кишварҳои дорои захираҳои шабеҳ, масалан, дар Австрия ва Швейтсария бомуваффақият анҷом дода мешавад. Бо дарназардошти таҳлили ҳудудҳоиояндадор барои рекреатсия дар соҳаи сайёҳӣ стартапҳо таъсис додан лозим аст. Намунаи дигаргунсозии бомуваффақият лоиҳаи Пиреней-Русселон (Испания, Франсия) мебошад, ки дар он сармоягузорӣ ба хушконидани заминҳои ботлоқзор боиси таъсиси комплексҳои сайёҳии самарабахш гардид, ки

миллиардҳо доллар фоида меоранд. Ин таҷрибаро дар Тоҷикистон дар чунин ноҳияҳо, монанди Ширкент, Қаратоғ, Хонақо, Варзоб, Лучоб, Ромит, Балҷувон ва дараҳои Сари Хосор, водии Ишкошим, Точикистони Шимолӣ ва дигар дараҳои кӯҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар фазои пасошуравӣ дар панҷ соли охир кишварҳое чун Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Беларус дар ҷалби сармоя ба бахши сайёҳӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд (ҷадвали 8).

Тавре ки маълумоти ҷадвали 8 нишон медиҳад, дар маҷмуъ сатҳи сармоягузорӣ ба бахши сайёҳӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои пасошӯравӣ паст боқӣ мемонад.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ бештар ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, Россия ва Назди Балтика равона шудааст, на ба Тоҷикистон.

Ба ақидаи муаллиф, соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон метавонад ба суръатҳои баланди рушд ноил гардад ва дар сохтори соҳаҳои иқтисодиёт мақоми аслии худро ишғол кунад, агар сол ба сол сармоягузории асосӣ барои ба сатҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди сайёҳӣ боло бурдани инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон афзоиш ёбанд.

Ҷалби сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон метавонад омили асосии афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ ва зиёд шудани даромаднокии ин соҳа гардад. Сармоягузориҳо дар якҷоягӣ бо иқтидори сайёҳии Тоҷикистон ба рушди соҳаҳои гуногуни сайёҳӣ мусоидат мекунанд. Бо дарназардошти тақсимоти нобаробари иқтидори сайёҳӣ дар саросари кишвар, сармоягузории хориҷӣ метавонад ба ташкили сохтори гуногунсоҳаи саноати сайёҳӣ, аз ҷумла махсусгардонӣ ба сайёҳии тиббӣ дар минтақаҳои муайян мусоидат намояд.

**Ҷадвали 8. - Динамикаи сармоягузорӣ ба фаъолияти сайёҳӣ дар кишварҳои алоҳидаи пасошуравӣ дар солҳои 2019-2023 (млн. доллари ИМА)**

| | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузорӣ | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД, бо | Сармоягузорӣ | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД, бо % | Сармоягузорӣ | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД, бо % | Сармоягузорӣ | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД, бо % | Сармоягузорӣ | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД, бо % |
| 1. Озарбойҷон | 10,9 | 0,779 | 10,1 | 0,512 | 9,9 | 0,602 | 10,5 | 1,8 | 11,8 | 1,6 |
| 2. Арманистон | 0,9 | 1,9 | 0,9 | 1,01 | 1,0 | 2,1 | 1,4 | 2,4 | 1,579 | 5,8 |
| 3. Беларус | 13,8 | 0,386 | 12,0 | 0,859 | 12,2 | 1,5 | 10,9 | | 11,911 | |
| 4. Қазоқистон | 32,9 | 10,17 | 29,7 | 4,1 | 31,1 | 7,9 | 33,1 | 8,7 | 39,543 | 10,6 |
| 5. Қирғизистон | 2,3 | 0,468 | 1,6 | 0,242 | 1,5 | 0,295 | 1,7 | 0,415 | 1,918 | 0,187 |
| 6. Молдова | 1,8 | | 1,7 | | 2,0 | | 2,0 | 0,317 | 32,2 | |
| 7. Россия | 298,6 | 64 | 283,5 | 56 | 315,6 | 62,4 | 413,1 | 58 | 402,036 | 60,3 |
| 8. Тоҷикистон | 1,3 | | 1,1 | | 1,3 | | 1,5 | | 2,6 | |
| 9. Ӯзбекистон | 22,2 | 1,5 | 20,9 | 1,3 | 22,6 | 1,6 | 24,1 | 2,1 | 30 | 2,1 |

**Сарчашма:** таҳияи муалиф дар асоси [3]

Ба ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ барои нигоҳ доштани мавзеъҳои сайёҳӣ, дар холати муътадил нигоҳ доштани онҳо, барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ, канори роҳӣ ва дигар инфрасохтори сайёҳӣ диққат додан лозим аст. Ин махсусан барои ноҳияҳои дурдаст ва канорӣ, ки аз сабаби бунбасти ҷуғрофӣ ва дур будани фосилаи байни маҳалҳои аҳолинишин хароҷоти зиёдро барои нигоҳ доштан ва рушди онҳо талаб мекунад, муҳим аст. Ба сифати мисол метавон маълумотро дар бораи вазъи мавзеъҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон овард (ҷадвали 9).

Маълумоти дар ҷадвали 9 овардашуда тасдиқ мекунад, ки ВМКБ барои барқарорсозии мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва табиӣ ба кумаки иловагӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ эҳтиёҷ дорад, зеро буҷетҳои маҳаллӣ маблағҳои заруриро маблағгузорӣ карда наметавонанд. Масалан, долони нақлиётии байналмиллалии Қулма-Мурғоб-Аличур-Қойтезак-Ҷелондӣ-Хоруғ сохтмони роҳи навро ба масофаи 395 километр тақозо мекунад, ки аз сохтмони роҳи Душанбе-Чанак (+45 км) гаронтар аст. Баръакси дигар минтақаҳо бахши хусусӣ дар ВМКБ суст буда, дар барқарорсозии инфрасохтор ва ёдгориҳо иштирок карда наметавонад.

Ҳамин тариқ, рушди КСР аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла ширкатҳои сайёҳӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ маблағгузорӣ мешавад. Самаранокии сармоягузориҳо аз стратегияи дарозмуддати рушдисоҳа ва истифодаи дурусти захираҳо ҷиҳати мавзеъ ва вақт вобаста аст.

**Ҷадвали 9. - Унсурҳои инфрасохтори ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ВМКБ (ба ҳолати соли 2024)**

| Номи ҳудудҳои маъмурӣ | Меҳмонхонаҳо | Санаторий-пансионатҳо | Тарабхонаҳо | Қаҳвахона, чойхона ва ошхонаҳо | Стансияҳои сӯзишворӣ | Стансияҳои таъмири автомобилҳо | Осорхонаҳо | Ширкатҳои сайёҳӣ | Ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ | Хизматрасониҳои бонкӣ | Гестхаузҳо, хомстейи ва юртстейҳо | Инфрасохтори сарироҳӣ | Мағозаҳои армуғон | Маъбадҳо | Боғҳои фароғатӣ ва фарҳангӣ | Ҳавзҳои моҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш. Хоруғ | 15 | | 8 | 26 | 8 | 7 | 1 | 15 | 17 | 19 | 21 | 2 | 5 | 4 | 3 | |
| н. Дарвоз | 6 | 1 | 1 | 11 | 9 | 4 | 2 | 2 | 1 | 14 | 3 | 33 | 1 | 25 | 2 | 2 |
| н. Ванҷ | 4 | | 5 | 14 | 8 | 3 | | 1 | 46 | 11 | 4 | 27 | 1 | 9 | | |
| н. Рушон | 8 | 1 | 4 | 12 | 10 | 8 | 1 | 5 | 117 | 3 | 27 | 15 | 3 | | 1 | 2 |
| н. Шуғнон | 1 | 8 | 4 | 7 | 7 | 5 | 2 | 4 | 30 | 2 | | 7 | | 15 | 1 | |
| н. Роштқалъа | 1 | 2 | 2 | 10 | 2 | 5 | 1 | | 121 | 8 | 4 | 1 | 1 | | 1 | 1 |
| н. Ишкошим | 23 | 3 | 1 | 18 | 9 | 4 | 3 | 2 | 103 | 2 | 12 | 6 | | 33 | | |
| н. Мурғоб | 20 | 2 | | 9 | 5 | 1 | 2 | 12 | 200 | 1 | 5 | | | | 2 | |
| Дар маҷмуъ | 98 | 17 | 25 | 107 | 58 | 37 | 12 | 41 | 535 | 60 | 56 | 91 | 11 | 86 | 8 | 5 |
| | Ҳамагӣ 1247 | | | | | | | | | | | | | | | |

**Сарчашма**: Маводҳои ИИТ сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар хотима муаллиф ба рушди КСР баҳоиояндабинона медиҳад. Ба фикри ӯ, бо истифода аз усулҳои маълуми моделсозии риёзии равандҳо, усулҳои назарияи эҳтимолият ва омори риёзӣ, инчунин тавсияҳои гуногуни методологӣ дурнамои аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди КСР-ро метавон тартиб дод. Дар маҷмуъ, дурнамои рушди комплекси сайёҳӣ-ректреатсионӣ барои оянда бо бизнес-банақшагирии эҳтимолии нишондиҳандаҳои рушди он ва арзёбии самаранокии соҳа дар шароити хатвфҳо ва номуайянии сершумор алоқаманд аст. Диққати махсус бояд ба арзёбии таъсири хавфҳо ва номуайянӣ ба эътимоднокии дурнамои рушди КСР дода шавад.

Дурнамои рушди КСР мавҷудияти сохторҳои таҳқиқотиро талаб мекунад, ки дар Тоҷикистон қариб вуҷуд надоранд. Дар Кумитаи рушди сайёҳӣ низ шуъбаҳоиояндабинии босифат вуҷуд надоранд. Омилҳои асосие, ки ба рушди КСР таъсир мерасонанд, шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ҷаҳонии сайёҳӣ мебошанд. Ин омилҳоро метавон ба экзогенӣ (иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва ғ.) ва сохторӣ (талабот ва пешниҳод ба хизматрасониҳои сайёҳӣ) ҷудо кард.

Пешрафти илмию техникӣ ба ҷаҳонишавии сайёҳӣ мусоидат мекунад ва ҷанбаҳои экологӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Бо вуҷуди ин, сайёҳии экологӣ гарон ва беҳтарин боқӣ мемонад. Дар доираи барномаи давлатӣ ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ самтҳои зерин пешбинӣ шудаанд: рушди сайёҳии воридотӣ, рушди сайёҳии фаромарзӣ ва дохилӣ дар байни ҷавонон ва пиронсолон, рушди сайёҳии кӯдакону наврасон, эҳёи сайёҳии рӯзҳои истироҳатӣ ва баланд бардоштани маъруфияти сайёҳии экологӣ.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки бознигарии амиқи илмии омилҳо ва принсипҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ нишон медиҳад, ки асоси моделсозии ҳамаҷониба низоми меъёрию иттилоотӣ мебошад, ки меъёрҳо ва стандартҳои истифодаи захираҳо, стандартҳои иҷтимоии истеъмоли сайёҳӣ ва хизматрасониҳои рекреатсионӣ, иттилооти қонунгузорӣ, оморӣ-таҳлилӣ ва маълумотдиҳиро дар бар мегирад. Низоми иттилоотии танзимкунанда барои

ҳамоҳангсозӣ ва муҷаҳҳаз кардани захираҳое, ки барои рушди КСР лозиманд, зарур аст (расми 7).




**Расми 7. - Методикаи муайянкунии самтҳои рушди КСР**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз расми 8 ба хулосае омадан мумкин аст, ки моделсозии комплексии КСР бе низоми иттилоотии меъёрии дахлдор имконнопазир аст. Ин низом бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, унсурҳои оморӣ ва таҳлилиро дар бар гирад, ки метавонанд ҳамкории иттилоотӣ ва идоракунии тамоми КСР ва робитаҳои иртиботии берунӣ ва дохилии онро таъмин кунанд.

Муаллиф даромади воқеӣ ва тахминиро аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ, ки дар асоси муодилаҳои сершумори регрессионии ғайрихаттӣ дар як график ба даст овардааст, ҳисоб карда, мутмаин аст, ки ин модели регрессионӣ ба воқеият наздик аст (расми 8).




**Расми 8. - Динамикаи вазни қиёсии сайёҳӣ дар ММД**

**Сарчашма:** ҳисобкуниҳои муаллиф

Тибқи ҳисобкуниҳои муаллиф, ояндабиниҳо нишон медиҳанд, ки рушди КСР метавонад на танҳо дар рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳида, балки дар миқёси миллӣ омили муассир бошад, бо дарназардошти он ки онҳо метавонанд нақши суръат бахшидан ба афзоиши ҷолибияти кишвар дар самти ҷалби сармояро иҷро кунанд. Ояндабиниҳо ҷолибияти нисбатан баланди ҳудудҳои кӯҳистонро дар муқоиса бо минтақаҳои байникӯҳӣ ва ҳамвор, инчунин шаҳрҳо аз ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо ва сайёҳонро нишон доданд.

Муаллиф инчунин самтҳои асосии КСР дар Тоҷикистонро муайян кардааст. Дар ин маврид, тавре ӯ зикр мекунад, гузариши муассир ба бунёд ва азхудкунии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пасошуравӣ

танҳо дар сурати асоснок шудани нақшаи идоракунии давлатии стратегии чунин комплексҳо имконпазир ба назар мерасад. Чунин тарҳҳо дар Федерациям Россия, Гурҷистон, Арманистон, Озарбойҷон ва Ӯзбекистан тартиб дода шуда ва ҷорӣ карда мешаванд. Муаллиф таҷрибаи ин кишварҳоро дар тартиб додани чунин тарҳҳо ба назар гирифта, ҳуҷҷати дахлдорро таҳия ва пешниҳод кардааст (расми 9).

Дар байни ҳадафҳо ва вазифаҳои сатҳи давлатӣ, ки хусусияти стратегӣ доранд, ҳадафҳои стратегии рушди КСР-и минтақавӣ, самтҳои афзалиятнок, рушди он, низоми нишондиҳандаҳои ҳадафӣ ва маҳакҳои арзёбии самаранокӣ, асосноккунӣ, консепсияҳо ва барномаҳои ҳадафноки рушди соҳа дар дохили тарҳи дар боло овардашуда, инчунин нақшаҳо аз рӯи самтҳои алоҳидаи рушди КСР мавқеи марказӣ доранд. Дар робитаи зич бо ин ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятнок, нақшаи мазкур бояд ҳатман таҳлил ваояндабинии КСР, инчунин таҳлил ваояндабинии хавфҳо барои рушди КСР-и минтақаро дар бар гирад. Ҳар як кишвар мувофиқи хусусиятҳои худ барои татбиқи иқтидори сайёҳии худ нақшаи идоракунии давлатии КСР-ро таҳия мекунад. Дар ин ҷо ҷой доштани ягон қолаб мумкин нест, зеро иқтидорҳои миллии сайёҳӣ-рекреатсионии кишварҳои алоҳида аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Дар байни ҳадафҳо ва вазифаҳои сатҳи давлатӣ, ки хусусияти стратегӣ доранд, ҳадафҳои стратегии рушди КСР-и минтақавӣ, самтҳои афзалиятнок, рушди он, низоми нишондиҳандаҳои ҳадафӣ ва маҳакҳои арзёбии самаранокӣ, асосноккунӣ, консепсияҳо ва барномаҳои ҳадафноки рушди соҳа дар дохили тарҳи дар боло овардашуда, инчунин нақшаҳо аз рӯи самтҳои алоҳидаи рушди КСР мавқеи марказӣ доранд. Дар робитаи зич бо ин ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятнок, нақшаи мазкур бояд ҳатман таҳлил ваояндабинии КСР, инчунин таҳлил ваояндабинии хавфҳо барои рушди КСР-и минтақаро дар бар гирад. Ҳар як кишвар мувофиқи хусусиятҳои худ барои татбиқи иқтидори сайёҳии худ нақшаи идоракунии давлатии КСР-ро таҳия мекунад. Дар ин ҷо ҷой доштани ягон қолаб мумкин нест, зеро иқтидорҳои миллии сайёҳӣ-рекреатсионии кишварҳои алоҳида аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.




**Расми 9. - Назорати стратегии КСР дар Тоҷикистон**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Тавре муаллиф тасдиқ мекунад, дар нақшаҳо ва барномаҳои стратегии рушди сайёҳӣ бояд ба рушди инфрасохтори меҳмоннавозӣ, аз ҷумла инфрасохтори канори роҳ таваҷҷуҳи махсус дода шавад, то тамоми камбудиҳое, ки ҳанӯз дар соҳаи сайёҳӣ вуҷуд доранд, бартараф карда шаванд. Ин марҳилаи аввали татбиқи стратегияи рушди сайёҳӣ мебошад.

Марҳилаи дуюм аз баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳон то ба стандартҳои байналмилалӣ, ки дар диссертатсия ба онҳо диққати махсус дода шудааст, иборат аст.

## ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки комплексҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва байниминтақавӣ хосияти объективӣ доранд. Моҳияти онҳо дар ташаккули низоми корхонаҳои ба ҳам алоқаманд, ки дар асоси захираҳои умумии сайёҳӣ муттаҳид шудаанд, ифода меёбад. Зарурати ташаккули онҳо бевосита ба қонуни иқтисодии тамаркузи истеҳсолот ва хизматрасонӣ алоқаманд аст. Яке аз талаботҳои қонуни мазкур тамаркузи ба ҳам алоқаманди намудҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои зич мебошад. Комплексҳои сайёҳӣ вобаста ба бартарии захираҳои муайян худро гуногун зоҳир мекунанд. Дар баъзе минтақаҳо унсури табобатӣ-рекреатсионӣ дар ҷойи аввал меистад, дар дигар минтақаҳо унсури таърихӣ-фарҳангӣ ва ддаарр минтақаҳои сеюм - низоми кӯҳӣ-сайёҳии ҷойгиркунии корхонаҳои дахлдор [4-М; 5-А; 8-М; 21-М; 57-М.].

2. Дар таҳқиқот принсипҳои асосии ташаккули комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ асоснок карда шудаанд. Ба онҳо дастгирии давлатӣ, истифодаи равишҳои ҳамгиро, афзалиятнокӣ ва гуногуншаклӣ, интихоби лоиҳаҳои сайёҳӣ, робитат технологии байни мавзеъҳои алоҳидаи сайёҳӣ, баландшавии сатҳи тамаркузи тамоми шаклҳои фаъолият дар доираи КСР, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути истифодаи фаъоли механизмҳои инноватсионии пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ мансуб мебошанд. Равишҳои қайдшуда ба табдили тағйиротҳои миқдорӣ ба сифатӣ дар доираи КСР мусоидат мекунанд [17-М; 21-М;8-М; 22-М;36-М;44-М;46-М; 58-М;62-М;71-М.].

3. Комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба рушд ва тавсеаи бозори ҷаҳонии сайёҳӣ бештар такя хоҳанд кард. Дар байни онҳо муносибатҳои бисёр мураккаб вуҷуд доранд. Сатҳи мураккабии муносибатҳои комплексҳои минтақавӣ бо бозори ҷаҳонии сайёҳӣ аз сатҳи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида вобаста аст. Комплекси сайёҳӣ ҳар қадар

ҷавонтар бошад, дар байни он ва бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамон қадар мушкилот ва душвориҳҳо ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин, ҳар як комплекси милли сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеи худро пайдо мекунад. Тоҷикистон дарояндаи наздик аз рӯи хусусиятҳои худ, ки бо бартарияти минтақаҳои кӯҳистон алоқаманд аст, дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи муҳимро ишғол хоҳад кард [3-М; 23-М;31-М; 34-М; 49-М;51-М.].

4. Хусусиятҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба замина ва омилҳои ташаккули онҳо таъсир мерасонанд. Мавҷудият ва аҳаммияти ёдгориҳои таърихӣ ва табиӣ, захираҳои рекреатсионӣ, дараҷаи шуҳрати онҳо, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи фазои мусоиди сармоягузорӣ, фаъолият ва таваҷҷуҳи зиёди мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба азхудкунии онҳо заминаҳои рушди онҳо мебошанд. Муҳимтарин омилҳои ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ сармояи инсонӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва иҷтимоӣ, ҷолибияти ёдгориҳои таърихию табиии дар ҳудуди зич ҷойгиршуда, инчунин талаботи иқтисодиёти миллӣ барои рушди онҳо мебошанд [21-М; 20-М; 41-М;42-М; 48-М.].

5. Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ қарор дорад. Бо ҳамин шарҳ дода мешавад, ки раванди ташаккули комплексҳои номбурда бо суст рушд ёфтан ва аз лиҳози ҳудудӣ пароканда ҷойгир будани муассисаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ва набудани робита дар байни онҳо фарқ мекунад, гарчанде ки тамоюли ташаккули комплексҳои минтақавӣ ҳатто дар замони Шуравӣ маълум буд. Дар давоми 10-15 соли охир тамоюли нисбатан возеҳи ба вуҷуд омадан ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Тамоюлҳои дахлдор худро дар он зоҳир менамоянд, ки дар аввал комплексҳо дар қад-қади водиҳои калони дарёҳо ва қаторкӯҳҳо пайдо шуда, баъд бунёди инфрасохтори муосири роҳ боиси муттаҳид шудани онхо мегардад [16-М; 24-М; 38-М; 52-М; 61-М; 68-М; 72-М.].

6. Комплексҳои сайёҳӣ аксар вақт дар заминаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ, ки дар ҳудуди алоҳидаи зич мутамарказ

шудааст, ба вуҷуд меоянд. Омилҳои минтақавӣ ба ташаккули комплексҳои номбаршуда манфиатнокии кофӣ ба вуҷуд меоранд. Муҳаққиқон ақидаи ягона доранд, ки мақомоти маҳаллӣ ба рушди комплексҳои минтақавӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд, зеро чунин комплексҳо метавонанд ҳамчун донори асосии буҷетҳои минтақавӣ баромад кунанд. Ин ба сохторҳои ҳам ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ва ҳам вилоятии ҳокимияти давлатӣ дахл дорад. Солҳои охир таваҷҷуҳи соҳибкорони хусусӣ ва корпоративӣ ба иштирок дар рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ афзоиш меёбад. Чунин манфиатнокӣ дар тамоюли ташаккули низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ зоҳир мешавад [9-М; 13-М; 14-М; 19-М; 26-М; 27-М; 30-М; 65-М.].

7. Механизми рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон ба истифодаи воситаҳои мониторинги ояндабинӣ, банақшагирӣ, буҷетсозӣ ва моделсозии вазъи бозори сайёҳӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ, ташкили дақиқи баҳисобгирӣ ва мониторинг асос ёфтааст. Усулҳо ва воситаҳои номбаршударо метавон самаранок истифода бурд, агар кӯшишҳои ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеаҳои тиҷоратӣ ва шарикони байналмилалӣ дар истифодаи захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба таври возеҳ ҳамоҳанг карда шаванд. Танҳо бо чунин ҳамоҳангсозӣ шабакаи устувор ва рақобатпазири КСР-ро дар миқёси мамлакат таъсис додан мумкин аст [11-М;33-М; 37-М;46-М;54-М; 56-М; 72-М.].

8. Механизмҳои иқтисодии фаъолияти комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар шароити муосири иқтисодӣ сармоякунонии афзояндаи фоидаро пешбинӣ менамоянд. Фаъолияти пурсамари онҳо торафт бештар ба истифодаи захираҳои худӣ асос меёбад. Дар баробари ин дар марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди онҳо қарзҳои бонкӣ, инчунин қарзҳои имтиёзноки ташкилотҳои молиявию иқтисодии байналмилалӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар ин марҳила, тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, кумаки иқтисодии ниҳодҳои молиявӣ-иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти бузург дорад. Марҳилаи ибтидоӣ инчунин дастгирии фаъолро аз ҷониби буҷети давлатӣ дар назар дорад. Бо мурури мустаҳкам ва самарабахштар шудани комплексҳои зикршуда

нақши давлат дар дастгирии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ тадриҷан паст мешавад. Ба ҳар ҳол тадбирҳо андешидан лозим аст, ки гузариши ботадриҷ аз маблағгузории берунӣ ба маблағгузорӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ба амал ояд [7-М; 11-М; 15-М; 39-М; 47-М; 64-М.].

9. Ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ворид шудан барои комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ маънои гузаштан ба сифати нави фаъолияти онҳоро дорад, ки мутобиқшавии пайваста ба стандартҳои байналмилалии фаъолияти ташкилотҳои сайёҳиро ифода мекунад. Ин гузариш дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ сармоягузориҳои навро тақозо мекунад, инчунин ҷолибияти бозори сайёҳии дохилиро барои сайёҳони хориҷӣ афзоиш медиҳад. Дар ин марҳила истифодаи консепсияи илмии чуқур андешидашудаи рушди стратегии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ аҳаммияти калон дорад. Гузарише, ки дар боло зикр шуд, тадриҷан беҳтар шудани мавқеи кишварҳоеро, ки комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии нопурра рушдёфта доранд, пешбинӣ мекунад. Сайёҳон аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нисбат ба стандартҳое, ки дар кори ширкатҳои сайёҳӣ татбиқ мешаванд, талаботи бештар доранд. Аз ин рӯ, ҳамчун пайванди ҷиддӣ ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ вазифаҳои ҷалби сайёҳон аз кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба уҳда гирифтан лозим аст. Чунин равиш ба тезонидани раванди мутобиқсозии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба истифодаи стандартҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад [12-М; 14-М; 18-М; 28-М; 66-М; 69-М.].

10. Ҳангоми таҳияи пешомадҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон доираи васеи омилҳо (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инноватсионӣ, сиёсӣ ва экологӣ)-ро ба назар гирифтан лозим аст, ки метавонанд ба рушди КСР таъсири дарозмуддат расонанд. Ин арзёбӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва қонеъ кардани интизориҳои афзояндаи сайёҳони муосир муҳим аст, хусусиятҳои воқеӣ пайдо мекунад. Илова бар ин, истифодаи он метавонад боиси хеле баланд шудани сатҳи бехатарии сайёҳоне гардад, ки дар хатсайрҳои

сайёҳии кӯҳӣ қарор доранд [32-М; 38-М; 49-М; 52-М;59-М; 72-М.].

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо***

1. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ба динамикаи рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Барои ноил шудан ба ин сатҳи ҷолибияти сармоягузории минтақаҳоро баланд бардоштан зарур аст. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки ба ҳар як минтақа омилҳое таъсир мерасонанд, ки ба ҷолибияти сармоягузории онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Як қатор ин гуна омилҳо хосияти объективӣ доранд (масалан, дурии ҷуғрофии ВМКБ аз пойтахти Тоҷикистон, инчунин аз дигар шаҳрҳои калони кишвар), дар бораи дигар омилҳои объективӣ низ сухан рондан мумкин аст. Аз ин рӯ, дастгирии давлатӣ барои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ бояд пеш аз ҳама ба афзоиши сайёҳӣ дар ноҳияҳои дурдаст, инчунин минтақаҳои дорои омилҳои мураккаби молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ-захиравӣ ва институтсионалӣ равона карда шавад.

2. Бартараф намудани монеаҳои ҷиддӣ ва мушкилоти мураккабе, ки комплексҳои сайёҳӣ, махсусан дар шароити душвори кӯҳистон дучор мешаванд, такя ба рушди инноватсионии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро тақозо мекунад. Хатсайрҳо, махсусан дар шароити кӯҳистон ҳар қадар душвортар бошанд, эҳтиёҷ ба истифодаи инноватсияҳо ҳамон қадар зиёд мешавад. Бисёре аз минтақаҳои дурдаст ва канории Тоҷикистон иқтидори бузурги сайёҳӣ доранд. Аммо чунин иқтидор асосноккунии роҳҳои татбиқи онро талаб мекунад. Дар шароити душвори баландкӯҳ азхуд кардани хатсайрҳои нави сайёҳӣ аз ҳисоби истифода бурдани дронҳо, техникаи навтарини кайҳонӣ, захираҳои авиатсионӣ, на танҳо барои кушодани хатсайрҳои нави сайёҳии кӯҳӣ, балки барои кори пурсамари онҳо ҳам имконпазир аст.

3. Дар Тоҷикистон тамоюли рушди афзалиятноки захираҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ мушоҳида мешавад. Ҳоло гидрогеологҳо дар ноҳияҳои кӯҳистони кишвар зиёда аз ҳазор чашмаи обҳои гарм ва шифобахшро кашф кардаанд. Дар бисёр ноҳияҳо ин гуна чашмаҳо ба ҳам наздик воқеъ гардидаанд. Ба

ҳамин тарик, дар ноҳияи Ишкошими ВАБК чашмаҳои оби гарми шифобахш дар як ҳудуди зич ҷойгир шудаанд, ки диаметри он аз 50 километр зиёд нест. Чашмаҳои шифобахши Гармчашма, Авҷ, Бибифотимаи Заҳро ва ғайра дар қад-ҷади Панҷ, вале дар масофаи наздик ба ҳамдигар воқеъ гардидаанд. Ҳамин гуфта ба захираҳои обӣ-рекреатсионии ноҳияи Исфара низ дахл дорад. Дар Исфара шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ бомуваффақият рушд меёбад. Дар вақтҳои охир дар соҳили дарёи Исфара мавзеъҳои сершумори сайёҳӣ-рекреатсионӣ пайдо шуданд. Ҳамин гуфта ба соҳилҳои Баҳри тоҷик дар Гулистон низ дахл дорад. Ин комплексҳо дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолии Тоҷикистон хеле машҳуранд. Воқеан, дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ раванди гузариш аз истифодаи стандартҳои минтақавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷараён дорад.

4. Дар айни замон барои пайвастани комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба «Иқтисоди сабз» шароити хеле мусоид фароҳам оварда мешавад. Чунин рушд хусусияти тамоюли устуворро ба худ мегирад. Аллакай далелҳои кофӣ мавҷуданд, ки дар наздикии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии таъсисёфта харобшавии густурдаи табиатро исбот мекунанд. Худи мантиқи гузариш ба «Иқтисоди сабз» аз он бармеояд, ки дар атрофи бисёр хатсайрҳои сайёҳӣ, инчунин комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ чунин захираҳо ташкил карда шаванд, ки истифодаи онҳо боиси барқарорсозии фаъоли табиат мегардад. Имкониятҳои ғайримуқаррарӣ метавонанд ба ҳалли ин мушкилот мусоидат кунанд. Зиёд шудани шумораи лагерҳои пионерӣ бешубҳа боиси фаъол шудани кори баркароркунии табиат мегардад.

5. Кабудизоркунии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ иштироки васеи аҳли ҷомеаи кишварро дар барқарорсозии ҷангалзорҳо, чарогоҳҳо ва алафзорҳо, дигар қисматҳои маҳаллҳои аҳолинишини гирду атроф ва корхонаю ҳудудҳои рекреатсионӣ пешбинӣ менамояд. Ба ин муносибат иштироки якҷояи ботаникхо ва экологҳоро дар интихоби алафҳои кӯҳӣ, буттаю дарахтон таъмин кардан лозим аст. Ин талаб мекунад, ки дар ҳар як ноҳияи маъмурӣ корхонаҳои калони парвариши

ниҳолҳо, дарахтони ороишию табиатпарвар, буттаҳо, инчунин захираҳои тухмӣ барои барқарор намудани алаф дар нишебиҳои кӯҳӣ ва водиҳои дарёҳо фаъолият кунанд.

6. Нисбат ба комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар оянда вусъати ҳамкории байни ташкилотҳои идоракунандаи нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори энергетикӣ мароқи калон дорад. Минтақаҳое, ки дар онҳо комплексҳои сайёҳӣ бо сохтори пурраи комплексҳои номбурда ҷойгир карда мешаванд, метавонанд дурнамоҳои равшани рушдии минбаъда дошта бошанд. Дар баробари ин, шароити махсуси ҳудудҳои баландкӯҳ вобаста ба хусусиятҳои релефӣ амалӣ намудани комплексҳои сайёҳии минтақавии амудӣ ва уфуқиро пешбинӣ мекунад. Дар шароити муайян намудҳои омехтаи комплексҳои сайёҳии кӯҳӣ имконпазир мебошанд.

7. Ҳар як КСР метавонад вобаста ба мавҷудият, ҷойгиршавӣ, ҳаҷм ва самаранокии захираҳои мавҷуда махсусгардонии фаъолияти худро дар шакли каму беш ифода намояд. Дар Душанбе ва водии Ҳисор дар фаъолияти таърихию фарҳангӣ ва табобатӣ-рекреатсионии комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дараҷаи муайяни махсусгардонӣ дида мешавад. Дар ноҳияи Исфара аҳаммияти табобатӣ-рекреатсионии комплекси номбурда дар мадди аввал меистад. Дар Хуҷанд ва маҳаллҳои аҳолинишини атрофи он махсусгардонӣ, ки пеш аз ҳама ба истифода бурдани чорабиниҳои табобатӣ-рекреатсионӣ ва таърихию фарҳангӣ нигаронида шудааст, аҳаммияти калон дорад. Дар минтақаи Истаравшан-Шаҳристон истифодаи захираҳои табобатӣ-рекреатсионӣ дар мадди аввал меистад. Дар водии Зарафшон захираҳои табобатӣ-рекреатсионӣ ва то андозае сарватҳои таърихию фарҳангӣ ҷои муҳимро ишғол мекунанд.

8. Дар фаъолияти комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ форс-мажор, яъне ҳодисаҳои ғайричашмдошт нақши муайян мебозанд. Ҳоло чунин вазъият метавонад ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад. Ҳамчун намуна чунин падидаи ҷаҳонӣ ба мисли COVID-19 мебошад, ки боиси якбора коҳиш ёфтани шумораи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ гардид. Дар натиҷа даромад аз фаъолияти комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ хеле кам шуд. Мутаассифона, ҳодисаҳои марбут ба террор дар толори

консертии «Крокус Сити»-и вилояти Москва метавонад боиси коҳиши воруди сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон шавад. Дар ин сурат паёмадҳои манфии ин терроро шояд чанд сол боз бахши сайёҳии Тоҷикистон эҳсос кунад.

9. Фаъолияти пурсамари комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ аз бисёр ҷиҳат ба нишондиҳандаҳои сифатии сармояи инсонӣ вобаста аст. Дар ин бобат Тоҷикистон на танҳо аз кишварҳои рушдёфтаи капиталситӣ, балки аз бисёр кишварҳои дорои дараҷаи рушди миёна (Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркия, Малайзия ва ғайра) қафо мемонад. Барои ба зинаҳои дахлдори кишварҳои номбурда боло бурдани сатҳи рушди сайёҳӣ Тоҷикистонро зарур аст, ки на ба дониш ва таҷрибаи маҳаллӣ дар соҳаи сайёҳӣ тамаркуз намояд, аз нигоҳи стратегӣ тамаркуз ба истифодаи умумиҷаҳонии таҷрибаи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди сайёҳӣ хеле муҳим аст. Ин ба ташкил, идоракунӣ, технология, стандартҳо ва дигар бахшҳои фаъолияти сайёҳӣ дахл дорад. Аммо истифодаи самараноки ин бахшҳо сармояи инсонии хеле рушдёфтаро талаб мекунад. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем аз афзалнятҳое, ки аз ҷиҳати сайёҳӣ ва комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба кишварҳои рушдёфтаа хосанд, каму беш пурра истифода барем. Аз ин ҷост, ки дар мисоли кишварҳои дорои дараҷаи сайёҳии рушдкарда имкониятҳои омода намудани кормандонро ёфтан ва пурра истифода бурдан зарур аст. Барои ҳалли ин масъала дастгирии давлат зарур аст. Шубҳае нест, ки фаъолияти комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҳар қадар заифтар бошад, тадбирҳои дастгирии давлат ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамон қадар муҳимтар мешаванд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Отчеты Комитета по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан. - Душанбе, 2024.

2. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2023

3. World Tourism Organization Database, 2016 [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://knoema.ru (дата обращения: 30.10.2017)

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *А.* Монографияҳо

[1-М]. Ёров Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Монография. - Душанбе: «Ирфон» 2007. - 103.стр. - ISSN 978-99947-55-46-2

[2-М]. Ёров Дж.Н. Влияние туризма на развитие сельских территорий Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Монография - Душанбе: «Матбаа», 2022. - 126 стр. - ISSN 978-99947-55-46-2

### Б. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои SCOPUS

[3-М]. Yorov J.N. Prospects of Preservation of Biological System of Regions due to Development of Ecological Tourism in the Republic of Tajikistan. [Texт]. J.N. Yorov, Natalia A. Zaitseva, Anna A. Larionova, Elena V. Povorina, Alexey D. Chudnovskiy, Nina V. Dmitrieva, Oksana V. Takhumova 7. Ekoloji 28(107): 85-91 (2019) © Foundation Environmental Protection & Research-FEPR Received: 7 Nov 2017 / Accepted: 22 Mart 2018.

### В. Интишорот дар нашрияҳои ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризии тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда

[4-А]. Ёров Дж.Н. Специфика развития туризма. [Текст] / Дж.Н. Ёров, С. Рахимова // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических наук. - №2/1 (157), 2015. - С. 291-294. - ISSN 2413-5151.

[5-А]. Ёров Ҷ.Н. Таъсири туризм ба рушди иқтисодӣ ва ё таъсири иқтисодиёт ба туризм. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - 2016. - №2/4 (204). - С.24-32. - ISSN 2413-5151.

[6-А]. Ёров Дж.Н. Туризм в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы использования туристских ресурсов. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Кувватбек С. // Вестник ТНУ. Серия

экономических наук. - 2017, часть 2, №2/4. - С. 20-24. - ISSN 2413-5151.

[7-А]. Ёров Дж.Н. Влияние особо-охраняемых природных территорий на организацию и развитие экотуризма в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №8. - С. 111-115. - ISSN 2413-5151.

[8-А]. Ёров Ҷ.Н. Идора ва танзими давлатӣ: мукаммалгардонӣ ва дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, И.Р. Иброхимов, Ш.Я. Курбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №7. - С.80-86. - ISSN 2413- 5151

[9-А]. Ёров Ҷ.Н. Баррасӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва танзими ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, И.Р. Иброхимов, Ш.Я. Курбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №6 - С.109-114. -ISSN 2413-5151.

[10-А]. Ёров Ҷ.Н. Баъзе масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ ва тамоюлҳои он дар шароити муосир. [Матн] / Қодирзода Д.Б., Қурбонов Ш.Я., Ҷ.Н. Ёров, // Паёми маркази тадқиқоти Стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2020. - №1 (69). - С.90-99. ISBN 75-9584

[11-А]. Ёров Ҷ.Н. Мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир. [Матн] / Қодирзода Д.Б., Қурбонов Ш.Я., Ҷ.Н. Ёров, // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе 2020., №8 - С. 171-179. - ISSN 2413-5151.

[12-А]. Ёров Ҷ.Н. Таъсири истифодаи сарватҳои обӣ-рекреатсионӣ ва экологӣ ба дараҷаи дарозумрӣ ва индекси рушди инсон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Паёми ДМТ. №6. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - 2021, - С. 62-68. - ISSN 2413-5151

[13-А]. Ёров Ҷ.Н. Перспективы применения кластерного подхода для повышения эффективности использования туристского потенциала (на примере РФ и РТ) [Матн] / Зайцева

Н.А., Дж.Н. Ёров // Вестник филиала МГУ им. М.В.Ломоносова. -2018. - №2 (2). - С. 21-33. - ISSN 2709-6238.

[14-А]. Ёров Дж.Н. Гидрографические и ресурсные факторы территориальной организации туристско-рекреационной деятельности [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2022. - №1. - С. 132-136. - ISBN 2413-5151

[15-А]. Ёров Дж.Н. Особенности безопасности туристской деятельности в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Б. Азимов // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2022. - №10. - С. 178-184. - ISBN 2413-5151.

[16-А]. Ёров Дж.Н. Географические и геоэкологические аспекты размещения минеральных вод в Таджикистане и регулирование их использования в рекреационной деятельности. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2023. №4. - С.86-91. - ISSN 2413-5151.

[17-А]. Ёров Дж.Н. Кластеризация как элемент инновационного подхода обеспечения развития туристской индустрии в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2023. - №7. - С.36-42. - ISSN 2413-5151.

[18-А]. Ёров Дж.Н. Цифровизация туристских услуг как новая модель развития туризма в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник Академии государственых служащих. Научно-политический журнал «Управление государством», серия экономических, полит. и юридических наук. - 2024. №3(68), стр.107-117 - ISSN-2664-0651\ISSN-2709-8567.

[19-А]. Ёров Дж.Н. Некоторые вопросы формирования туристко-рекреационного комплекса в Республике Таджикистан [Текст] / Дж.Н. Ёров, Х.У. Умаров // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024., №3(53), с.103-109. - ISSN 2308-054X.

[20-А]. Ёров Дж.Н. К вопросу о теоретических аспектах использования туристско-рекреационных ресурсов Республики

Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Кодирзода Д.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2024. - №10. Часть II. - С. 47-54. - ISSN 2413-5151.

**В других изданиях**

[21-А]. Ёров Дж.Н. Безопасность в территориальной организации экотуризма. [Текст] Дж.Н. Ёров // Материалы научно-практической конференции на тему «Международные стандарты бухгальтерского учета и проблемы их реализации в субъектах Республики Таджикистан» (25 ноября 2010 г.). - 2010, - с. 162-172.

[22-А]. Ёров Дж.Н. Природные факторы развития туризма и рекреации. [Текст] / Дж.Н. Ёров //Материалы научно-практической конференции на тему «20 лет независимости: настоящее и будущее». - 2011, - с. 46-51.

[23-А]. Ёров Ҷ.Н. Нақши туризм дар тарақиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] Ҷ.Н. Ёров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои таъмини мақсадҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - 2010, - С. 96-101.

[24-А]. Ёров Дж.Н. Институциональные основы развития сферы туризма в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы реаспубликанской научно-практической конференции на тему «Вопросы обеспечения внешнеэкономических целей Республики Таджикистан» - 2010 с. - 151-162.

[25-А]. Ёров Дж.Н. Пути совершенствования методов государственной поддержки развития туризма в условиях переходного периода. [Текст] / Дж.Н. Ёров //Материалы межд. научно-практической конференции на тему «Экономический рост в условиях глобализации», - 2010, - с. 190-197.

[26-А]. Ёров Дж.Н. Эффективность развития экономических районов и зон туризма. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы реаспубликанской научно-практической конференции на тему «Проблемы устойчивого социально-экономического развития горных территорий», - 2010, - С. 66-68.

[27-А]. Ёров Дж.Н. Некоторые проблемы развития туристической инфраструктуры. [Текст] / Дж.Н. Ёров //Материалы апрельской конференции, посвящённой «Году образования и технической культуры», - 2010, - С. 93-95.

[28-А]. Ёров Ҷ.Н. Таъсиррасонии туризм ба муҳити экологӣ ва ташаккули шахсият. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси илмӣ- амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои ташаккулёбии шуғли касбӣ ва пешвоӣ дар менеҶменти муосир». - 2011. - С.66-69.

[29-А]. Ёров Ҷ.Н. Дурнамои рушди туризми байналмиллалӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси илмӣ-амалии «Роҳҳои такмили муносибатҳои молиявӣ ва таъсири онҳо дар таъмини рушди босуботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15-16-уми ноябри соли 2011), - 2011, - С. 73-77.

[30-А]. Ёров Дж.Н. Прогноз социально-экономического развития сельского туризма в Республике Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров //Мат-лы межд. научно-практ. конф. на тему «Проблемы развития и совершенствования экономических наук в Таджикистане» посвященной 100-летию Академика Ибодулло Косимовича Нарзикулова, -2012, - С. 261-275.

[31-А]. Ёров Дж.Н. Основные модели туристских маршрутов. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Р. Диловаров // Мат-лы респ. научно-практической конференции на тему «Моделирование и информационные технологии», - 2012, - С. 90-94.

[32-А]. Ёров Дж.Н. Туризми байналмилалӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров //Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзӯи «Эъломияи СММ оид ба даҳсолаи (солҳои 2013-2022) байналхалқии наздиксозии фарҳангҳо», - 2013, - С. 35-40.

[33-А]. Ёров Дж.Н. Методы эффективного продвижения туристского продукта на международном туристском рынке. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Резолюция ООН по международному десятилетию (2013-2022) сближения культур», - 2013, - С. 40-48.

[34-А]. Ёров Дж.Н. Основные факторы, влияющие на развитие туризма и рекреации республики. [Текст] / Дж.Н. Ёров

// Материалы межд. научно-практической конференции на тему «Резолюция ООН по международному десятилетию (2013-2022) сближения культур», - 2013, С. 100-105.

[35-А]. Ёров Дж.Н. Проблемы развития туризма в Республике Таджикистан. [Текст] Дж.Н. Ёров // Материалы межд. научно-практической конференции на тему: «Проблемы бухгалтерского, финансового, управленческого и налогового учета в соответствии с требованиями международных стандартов учета и финансовой отчетности», посвященной 70-летию д.э.н., профессора Уракова Д. - 2012, - С. 220-222.

[36-А]. Ёров Дж.Н. К вопросу о прогнозировании развития туризма в мире и в Республике Таджикистан. [Текст] Дж.Н. Ёров //Материалы респ. научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы экономики и менеджмента в современном Таджикистане». - 2012. - С. 81-87.

[37-А]. Ёров Дж.Н. Методы государственной поддержки развития туризма в условиях переходного периода. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы реаспубликанской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы экономики и менеджмента в современном Таджикистане» - 2012. - С. 87-91.

[38-А]. Ёров Дж.Н. Проблемы и перспективы развития экологического туризма в Таджикистане. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Прблемы совершенствования анализа и аудита в условиях многоступенчатости экономики и перехода на международные стандарты», - 2013, - С. 169-173.

[39-А]. Ёров Дж.Н. К вопросу о факторах развития туризма в Республики Таджикистан. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы реаспубликанской научно-практической конференции на тему «Проблемы развития предпринимательства в РТ: теория и практика», - 2013, - С. 169-173.

[40-А]. Ёров Ҷ.Н. Туризм ва нақши он дар ташаккули иқтисоди миллӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров //Маводи конфронси илмӣ - амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди туризми рекреатсионӣ дар шароити муосир». - 2015. - С. 22.

[41-А]. Ёров Ҷ.Н. Имкониятҳои рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси илмӣ -амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди туризми рекреатсионӣ дар шароити муосир».- 2015.-С. 195.

[42-А]. Ёров Ҷ.Н. Нақши захираҳои сайёҳӣ - рекреатсионӣ дар рушди сайёҳии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзӯи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонӣ» (15 апрели соли 2017). - 2017. - С.64-69.

[43-А]. Ёров Ҷ.Н. Нақши сайёҳӣ дар ташаккули иқтисодиёти миллӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 16.11.2017. - С.37-44.

[44-А]. Ёров Ҷ.Н. Роҳҳои истифодабарии самараноки иқтидорҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, Н.Сайфуллоев // Маводи конфронси байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва дурнамои он (30-юми июни соли 2018)». - С. 11-15.

[45-А]. Ёров Дж.Н. Экологический туризм в Таджикистане: проблемы и перспективы. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Д.А. Мещеряков // Материалы реаспубликанской научно-практической конференции на тему «Развитие туризма как фактор социально-экономического продвижения республики Таджикистан (30 июня 2018)».- С. 115-20.

[46-А]. Ёров Дж.Н. Географические факторы развития туризма и рекреации Вахшской зоны. [Текст] / Ҷ.Н. Ёров, Р. Диловаров // Маводи конфронси байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва дурнамои он (30-юми июни соли 2018)». - С. 44-50.

[47-А]. Ёров Ҷ.Н. Инноватсия ё навгонӣ ҳамчун омили муҳими рушди сайёҳӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, Ш.Я. Қурбонов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Бахшида ба 70

солагии ДМТ», ва «70 солагии факултетҳои иқтисодӣ» (30-юми октябри соли 2018)». - С. 44-50.

[48-А]. Ёров Ҷ.Н. Ҳудуд ҳамчун омили рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, Ш.Я. Қурбонов // Маводи конфронси Ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Бахшида ба 70 солагии ДМТ», ва «70 солагии факултетҳои иқтисодӣ» (30-юми октябри соли 2018)». - С. 50-56.

[49-А]. Ёров Ҷ.Н. Сайёҳӣ самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров //Маҷаллаи Молия ва ҳисобдорӣ/ - марти 2019. - №3 (150). - С. 30-33.

[50-А]. Ёров Дж.Н. Перспективы применения кластерного подхода для повышения эффективности использования туристского потенциала (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан). [Текст] / Дж.Н. Ёров, Зайцева Наталия Александровна // Вестник филиала МГУ имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Научный журнал. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2019. - С. 36-43.

[51-А]. Ёров Ҷ.Н. Сайёҳӣ ва ҳолати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». - 2019. - С. 124-127.

[52-А]. Ёров Ҷ.Н. Нақши экосайёҳӣ дар ташаккули комплекси сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». - 2019. - С. 148-153.

[53-А]. Ёров Ҷ.Н. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзуи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир». - 2019. - С.156-163.

[54-А]. Ёров Ҷ.Н. Таксимбанди ва омилхои рушди бозори тураператори. [Матн] Ҷ.Н. Ёров, Ю. Расулов // Маводи Конфренсияи чумхуруявии илмию-назариявии дар мавзуи

«Танзими андозию буҷетии иктисодиёти Ҷумхурии Точикистон дар шароити муосир» - 2019. - С.69-75.

[55-А]. Ёров Ҷ.Н. Соҳаи сайёҳӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамои он дар минтақаи Варзоб.[Матн] / Ҷ.Н. Ёров ,Ф.Худоиева // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои гузариш ба системаи ҳисобҳои молиявӣ ва амалисозии методологияи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои оморӣ». 10 апрели соли 2019-С.329-333.

[56-А]. Ёров Ҷ.Н. Истифодаи самараноки сарватҳои обӣ-рекреатсионӣ дар рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои экологии имрузаи оби тоза ва саҳми он дар рушди устувори ҷомеа». - 2020. - С.242-250.

[57-А]. Ёров Ҷ.Н. Масъалаҳои рушди сайёҳӣ дар заминаи инноватсия. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводҳои конфронси IX-уми илмию амалии байналмиллалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масъалаи мубрами рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ» - (18-19 июни соли 2021). - С. 86-92.

[58-А]. Ёров Ҷ.Н. Таъсири истифодаи сарватҳои обӣ-рекреатсионӣ ва экологӣ ба дараҷаи дарозумрӣ ва индекси рушди инсон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Паёми ДМТ. №13. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - 2021. - С. 113-120.- ISBN 2413-5151

[59-А]. Ёров Дж.Н. Влияние туризма на развитие сельских территорий Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы [Текст] / Дж.Н. Ёров // Монография. Душанбе, - 2022. - С.131

[60-А]. Ёров Дж.Н. Анализ современного состояния и тенденции развития туризма в Республике Таджикистан: сущность и инновационные направления. [Текст] / Дж.Н. Ёров, А.Н.Зокиров, Ш.Я.Курбонов // Международная научно-практическая работа на тему «Перспективы развития туризма в Центральноазиатском регионе: проблемы и решения». Каршинский государственный Университет. Республика Узбекистан. 26-е мая 2022 года. Сборник научных статей и тезисов (26 мая 2022 года). - 2022. - С. 46-55.

[61-А]. Ёров Дж.Н. Некоторые вопросы финансирования, развития и совершенствования сферы образования в годы

независимости: глубокий анализ. [Текст] / Дж .Н. Ёров, Гафforзода Дж.Г. // Сборник статьей II международной научно-практической конференции на тему «Экономика, финансы и управление: актуальные вопросы теории и практики». - 5 октября 2022 года. - 2022. - С. 90-96.

[62-А]. Ёров Ҷ.Н . Муаммоҳои раванди маркетинги сайёҳӣ ва заминаҳои рушди он. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров , Н.Н.Сайфуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ». - 2022. - С. 327-331.

[63-А]. Ёров Дж.Н. Тенденции развития туризма в Республике Таджикистан: институциональные и инфраструктурные аспекты. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Н.Н.Сайфуллоев // Сборник материалов V-ой Международной научно-практической конференции на тему «Направления повышения эффективности управленческой деятельности органов государственной власти и местного самоуправления». - 2023. - С. 26-23.

[64-А]. Ёров Ҷ.Н. Роҳҳои таъмини рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дастовардҳои инноватсионӣ. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров, С.Ризоев // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ дар замони муосир» (01.11.2023с.). - Душанбе, - 2023. - С. 45-49.

[65-А]. Ёров Ҷ.Н. Тағйирёбии иқлим ва мушкилоти таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ: таҳлили муқоисавӣ [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Пайём. Маҷаллаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2023 - №3 (4). - С. 43-49. - ISSN:2789-0953.

[66-А]. Ёров Дж.Н. Историко-культурные наследие как фактор организации туристских кластеров в Таджикистане. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы межд. научно-практ. конференции «Сохранение и освоение культурного наследия как приоритетное направлениеразвития национальных культур»- . Душанбе. - С. 177-184. - РТСУ. ISBN-99985-29-02-1 2024.

[67-А]. Ёров Дж.Н . Основные инновационные тенденции цифровой трансформации туристского сектора Республики Таджикистан: аналитический обзор. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Н.Н.Сайфуллоев, У.М. Зайниддинов // Материалы XVIII-го международного конкурса научно-исследовательских работ. 31.01.2024. - 2024 г.

[68-А]. Ёров Дж.Н. Вода как фактор дипломатических отношений: теоретический аспект. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Научный журнал «Вопросы науки и образования». №10(182), г. Иваново. 2024. Издательство «Научные публикации». - ISSN 2542-081X.

[69-А]. Ёров Дж.Н . Туристско-рекреационный потенциал Таджикистана и пути его рационального использования. [Текст] / Дж.Н. Ёров, Х.Умаров // Мат-лы межд. научно-практ. конференции на тему «Стратегические вопросы обеспечения устойчивого развития предпринимательства в Таджикистане: факторы, тенденции и инвестиции». - (14.10.2024). НИИТП МУТПТ - С. 40-49.

[70-М]. Ёров Дж.Н. Приоритеты внедрения инновационных технологий в предпринимательстве в сфере туризма [Текст] / Дж.Н.Ёров / / Материалы международной научно-практической конференции на тему “Стратегические вопросы обеспечения устойчивого развития предпринимательства в Таджикистане: факторы, тенденции и инвестиции”. НИИТП МУТПТ – С. 94-99.

## АННОТАЦИЯ

**к диссертации Ёрова Джамшеда Нурулллоевича на тему «Формирование и направления развития туристско-рекреационных комплексов Республики Таджикистан: теория, методология, практика»**

**Ключевые слова:** туризм, рекреация, туристско-рекреационный комплекс, кластер, туристические ресурсы, туристические услуги, мировой туристический рынок, государственная поддержка, дорожная инфраструктура, социальная инфраструктура, мировой опыт.

**Основная цель научной диссертации.** Целью исследования является научное обоснование теоретических и методологических аспектов исследования процессов формирования и развития туристско-рекреационных комплексов в Республике Таджикистан.

**Методы исследования.** В исследовании использовались методы системного, ситуационного, структурно-функционального, логического, эконометрического, сравнительного анализа и др.

**Полученные результаты и научные новизны исследования включают следующие аспекты:** дано авторское определение сущности и объективной необходимости развития туристско-рекреационных комплексов, научно обоснована необходимость использования зарубежного опыта процессов формирования и развития ТРК применительно к горным территориям, обоснован перечень факторов формирования и развития туристско-рекреационных комплексов, обоснованы основные направления выделения государственных инвестиций на развитие инфраструктурных элементов туристско-рекреационных комплексов, разработан механизм развития туристско-рекреационных комплексов в Таджикистане, предложены ключевые формы государственной поддержки развития туризма, разработан комплексный прогноз, который включает в себя расчёт возможного развития туристско-рекреационных комплексов Республики Таджикистан до 2035 года.

**Рекомендации по использованию результатов.** Научные результаты по формированию и развитию туристско-рекреационных комплексов могут найти широкое применение в деятельности Комитета по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан.

**Области использования результатов.** Представленные в диссертации рекомендации могут быть использованы государственным органом, уполномоченным в вопросах развития туризма, а также администрациями туристических фирм и предприятий туристической инфраструктуры.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Ёров Ҷамшед Нуруллоевич дар мавзуи «Ташаккул ва самтҳои рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, практика»**

**Калимаҳои калидӣ:** сайёҳӣ, рекреатсия, комплекси сайёҳӣ-рекреатсионӣ, кластер, захираҳои сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, дастгирии давлатӣ, инфрасохтори роҳ, инфрасохтори иҷтимоӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ.

**Мақсади асосии диссертатсия.** Мақсади таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши равандҳои ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили муназзам, вазъиятӣ, сохторию вазифавӣ, мантиқӣ, эконометрикӣ, муқоисав ва дигарҳо истифода шудаанд.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навгониҳои илмии таҳқиқот ин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд:** муаллиф моҳият ва зарурати объективии рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро муайян кардааст, зарурати истифодаи таҷрибаи хориҷии равандҳои ташаккул ва рушди КСР барои корбурд дар минтақаҳои кӯҳӣ аз ҷиҳати илмӣ бозгӯӣ гардида, номгӯи омилҳои ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, асоснок карда шудааст, самтҳои асосии ҷудо намудани сармоягузориҳои давлатӣ барои рушди унсурҳои инфрасохтори комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ нишон дода шуда механизми рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Тоҷикистон таҳия шудааст, шаклҳои калидии дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ пешниҳод гардидаанд, дурнамои ҳамаҷониба таҳия шудааст, ки дар он ҳисобкунии рушди имконпазири комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2035 пешбинӣ шудааст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо.** Натиҷаҳои илмӣ оид ба ташаккул ва рушди комплексҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун консепсияи ҳамаҷониба метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шаванд.

**Соҳаи истифодаи натиҷаҳо.** Тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби мақоми давлатии ваколатдор оид ба рушди сайёҳӣ, инчунин маъмурияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Yorov Jamshed Nurulloevich on the topic «Formation and directions of development of tourist and recreational complexes of the Republic of Tajikistan: theory, methodology, practice»**

**Keywords:** tourism, recreation, tourism and recreation complex, cluster, tourism resources, tourism services, global tourism market, government support, road infrastructure, social infrastructure, global experience.

**The main objective of the scientific dissertation**. The purpose of the study is to scientifically substantiate the theoretical and methodological aspects of the study of the processes of formation and development of tourist and recreational complexes in the Republic of Tajikistan.

**Research methods.** The study used methods of systemic, situational, structural-functional, logical, econometric, comparative analysis, etc.

**The obtained results and scientific novelties of the study include the following aspects**: The author's definition of the essence and objective necessity of development of tourist and recreational complexes is given, the necessity of using foreign experience of processes of formation and development of TRC in relation to mountainous territories is scientifically substantiated, the list of factors of formation and development of tourist and recreational complexes is substantiated, the main directions of allocation of state investments for development of infrastructure elements of tourist and recreational complexes are substantiated, the mechanism of development of tourist and recreational complexes in Tajikistan is developed, key forms of state support of development of tourism are proposed, a comprehensive forecast is developed, which includes calculation of possible development of tourist and recreational complexes of the Republic of Tajikistan until 2035.

**Recommendations for the use of the results.** Scientific results on the formation and development of tourist and recreational complexes can find wide application in the activities of the Committee for Tourism Development under the Government of the Republic of Tajikistan.

**Areas of use of the results.** The recommendations presented in the dissertation can be used by the government agency authorized in matters of tourism development, as well as by the administrations of travel agencies and tourism infrastr